**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАКУЛТАИ МЕНЕҶМЕНТ ВА ҲУҚУҚИ ИҚТИСОДӢ**

**КАФЕДРАИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ**

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ

## Оид ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои 1-25010410- менеҷменти молиявӣ ва 1-26010303- идораи молияи давлатӣ, шуъбаи рӯзона

**Душанбе- 2022**

**Муаллифон**: н.и.и., дотсент  Нуров Ш.С. , н.и.и., дотсент Мирзоева Е.Ш., асс. Амиров М.М., асс. Саъдиев .Ҳ.Ф.

Барномаи гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ  барои донишҷӯёни ихтисосҳои 1-25010410- менеҷменти молиявӣ ва 1-26010303- идораи молияи давлатӣ, бо қарори ҷаласаи Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон № 7/4.5. аз 23.02.2022 ба нашр тавсия карда шудааст.

**Муқарризон:**

Бегматов А.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори  кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Содиқов Р.Х.– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи  Донишгоҳи технологии  Тоҷикистон.

Дар дастури методӣ тарз ва воситаи гузаштани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ, шакл ва намудҳои муосири он дарҷ гардида, тартиби ташкил ва рушди фаъолияти таҷрибаомӯзии барномаи таҷрибаомӯзии таълимӣ, махсусиятҳои он, хоса барои донишҷӯёни соҳаҳои иқтисодӣ,менеҷменти молиявӣ ва идоракунӣ молияи давлатӣ баррасӣ ва пешниҳод карда шудаанд.

# МУНДАРИҶА

1.БАРНОМАИ ТАҶРИБАОМӮЗИ ТАЪЛИМӢ………….…..……................4
2.БАРНОМАИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ИСТЕҲСОЛӢ…………….............31
3. БАРНОМАИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕШАЗДИПЛОМӢ..................57

**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАКУЛТАИ МЕНЕҶМЕНТ ВА ҲУҚУҚИ ИҚТИСОДӢ**

**КАФЕДРАИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ**

# Барномаи

## таҷрибаомӯзии таълимӣ барои донишҷӯёни соли 2-уми ихтисоси 1-25010410- менеҷменти молиявӣ ва 1-26010303- идораи молияи давлатӣ, шуъбаи рӯзона

**Душанбе- 2022**

**Муаллифон**: н.и.и., дотсент  Нуров Ш.С. Ш., ассистент  Саъдиев .Ҳ.Ф.

Барномаи гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ- шиносоӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои 1-26010303- идоракунии молияи давлатӣ  ва 1-25010410- менеҷменти молиявӣ  бо қарори ҷаласаи Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон № / . аз  . .2022 ба нашр тавсия карда  шудааст.

**Муқарризон:**

Бегматов А.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори  кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Содиқов Р.Х.– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи  Донишгоҳи технологии  Тоҷикистон.

Дар дастури методӣ оид ба барномаи таҷрибаомӯзии таълимӣ маҷмӯи  масъалаҳои фаъолияти таҷрибаомӯзии доншҷӯёни ихтисосҳои 1-26010303- идоракунии молияи давлатӣ  ва 1-25010410- менеҷменти молиявӣ   дар шакли назариявию амалӣ баррасӣ карда шудаанд.

Дар барномаи таҷрибаомӯзии таълимӣ  тарз ва воситаи гузаштани таҷрибаомӯзии таълимӣ шакл ва намудҳои муосири он дарҷ гардида, тартиби ташкил ва рушди фаъолияти таҷрибаомӯзии барномаи таҷрибаомӯзии таълимӣ, махсусиятҳои он, хоса барои донишҷӯёни соҳаҳои иқтисодӣ,менеҷменти молиявӣ ва идоракунӣ молияи давлатӣ баррасӣ ва пешниҳод карда шудаанд.

**МУНДАРИҶА**

**Муқаддима**..............................................................................

1.Мақсад, вазифа ва ташкили таҷрибаомӯзии таълимӣ............................

2.Маълумоти мухтасар доир ба фаъолияти мақомоти молия..............

3.Маълумоти мухтасар доир ба фаъолияти шӯъбаҳои молияи шаҳр ва ноҳия .........................................................................................

4.Ташкили таҷрибаомӯзии таълимӣ дар ҷойҳои корӣ.......................

5.Роҳбарии таҷрибаомӯзии таълимӣ ...............................................

6.Кори мустақилонае,ки аз ҷониби донишҷӯ пешниҳодшуда............

7.Ҷамъовари намудани ҳисоботи таҷрибаомӯзии таълимӣ ...............

8.Ҷамъбасткунии маводҳо ва тайёркунии ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ..........................................................................................

9. Ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзии таълимӣ .......................................

**Замимаи 1**......... ..........................................................................................

**Замимаи 2**..........................................................................................

# Муқаддима

Мақсади асосии таҷрибаомӯзии таълимӣ - мукаммал гардонидани донишҳои назариявии андӯхта бо амалия, баланд бардоштани сатҳи қобилияти касбӣ, сайқал додани малака, маҳорат ва истеъдоди касбӣ, татбиқи ҳадафнок ва пурраи он барои алоқаманд намудани донишҳои назариявӣ бо амалия мебошад.

Таҷрибаомӯзии таълимӣ донишҷӯёни ихтисосҳои 1-26010303-идоракунии молияи давлатӣ ва 1-25010410-менеҷменти молиявӣ қисмати муҳими тайёркунии мутахассисони баландихтисос мебошад ва дар мақомотҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

Тачрибаи таълимӣ донишчӯён бо мақсади мукаммалгардонии донишҳои назариявии дар раванди таълим дар донишгоҳ азбарнамудаи донишчӯён, дар асоси омӯзиши амалияи фаъолияти молиявӣ дар сохторҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таҷрибаомӯзӣ масъулият ва муносибатҳои шахсии таҷрибаомӯзро нисбат ба кор ва касби интихобкардааш мустаҳкам мегардонад.

Таҷрибаомӯзӣ малакаи касбӣ, маҳорати пешбурдаи мустақилонаи фаъолияти ҷамъиятиву истеҳсолӣ, иҷтимоиву сиёсӣ, илмию озмоишӣ ва техникию технологии донишҷӯро ташаккул медиҳад. Таҷрибаомӯзӣ ҳавасмандии масъулияти донишҷӯро зиёд намуда, муносибати ӯро нисбат ба касби интихобкардааш қавӣ мегардонад.

Барои таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ тибқи шартнома ба муассисае фиристода мешавад, ки ба касби интихобкардааш мутобиқат менамояд. Ба таҷрибаомӯзӣ донишҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки қисми назариявии нақшаи таълимиро пурра аз худ намудаанд.

**Дар ҳисобот масъалаҳои зерин бояд шарҳу тафсар ёбанд:**

а) маълумоти умумӣ оид ба муассисаи тачрибаомӯзӣ, тартиб ва муҳлати тачрибаомӯзӣ:

б) мақсад ва вазифаҳои кор (тадқиқот):

в) мундарича ва мазмуни корҳои асосии таҷрибаомӯзӣ ва хулосаҳои пешакӣ оиди натиҷаи онҳо:

г) мазмуни мушаххас ва рафти иҷрои супоришоти фардӣ:

д) маълумоти мушаххас оид ба сафарҳои хидматӣ ( агар онҳо ҷой дошта бошанд ) :

е) қисми хотимавӣ (боҳои умумии натиҷаи таҷрибаомӯзӣ, тавсияҳои илмию техникӣ, пешниҳодоти таҷрибаомӯз оид ба беҳтар намудани кори муассиса ва ғайра) .

Пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ аз кафедра бояд маводҳои зеринро гирад:

а) барномаи таҷрибаомӯзӣ;

б) рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ;

в) роҳхат;

г) супоришҳои фардӣ оид ба таҷрибаомӯзии таълимӣ.

Дар рӯзномаи донишҷу бояд имзо ва мухр гузошта шуда бо ҳамроҳии роҳхат ба ӯ дода мешавад.

Барои ба таҷрибаомӯзӣ беҳтар омода шудан донишҷӯён бояд бо барнома ва мундариҷаю мазмуни корҳои дарпешистода шинос шуда, адабиёту дастурҳои тавсияшударо дастрас намуда, ба таҷрибаомӯзӣ омода гарданд. Аз роҳбари таҷрибаомӯзии кафедраи менеҷменти молиявӣ доир ба муассисаи таҷрибаомӯзӣ маълумотро оид ба усули кор маслиҳат гиранд.

Барномаи таҷрибаомӯзӣ бо мақомотҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудаанд, ки дар он масъалаҳои зерин инъикос ёфтаанд:

- Шиносои ва тавсифи умумии мақомоти молия ва дигар ташкилотҳои буҷавӣ он, мақсад ва вазифаҳои онҳо, сохтори идоракунӣ, алоқаи тарафайни сохторҳои молиявӣ;
- Шиносои бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва қарорҳое, ки фаъолияти сохтори молиявиро ба тартиб медароранд;

- Шиносои ба ҳайат, таркиб ва функсияҳои раёсати молиявие, ки донишҷӯ дар он ҷо таҷриба меомӯзад;
- Шиносои бо ташкили фаъолияти молиявии шӯъбаи дурнамои даромадҳои давлатӣ ва андозҳо;
- Шиносои бо банақшагирӣ ва ояндабинии даромадҳои буҷет;
- хусусиятҳои андозбандӣ;
- Шиносои бо ташкили фаъолияти шӯъбаи буҷетӣ;
- Шиносои бо банақшагирӣ ва ояндабинии хароҷотҳои буҷетӣ;
- Шиносои бо ташкили фаъолияти шӯъбаи хазинадорӣ;

Роҳбари умумии таҷрибаомӯзии таълимӣ донишҷӯён аз тарафи Сардори бахши таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Ҷавобгарии ташкилкунӣ ва гузаронидани таҷрибаи истеҳсолӣ дар кафедра ба дӯши мудири кафедра, декани факулта ва Сардори бахши таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон вогузор мегардад.

Роҳбарии таълимӣ–методии таҷрибаомӯзии таълимӣ аз тарафи кафедраи менеҷменти молиявӣ бо роҳи таъйиннамоии роҳбар аз ҳисоби устодони собиқадори кафедра амалӣ мешавад. Салоҳияти ташкилии таҷрибаомӯзии таълимӣ дар мақомотҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дӯши роҳбарони онҳо ва шахсони мутасаддӣ вогузор мегардад ва онҳо вазифадоранд:

а) дар рӯзи ҳозир шудани донишҷӯ ба таҷрибаомӯзӣ ба мақомоти молия роҳбарияти он бо воситаи шабакаҳои интернети ба донишгоҳ “хабарнома” равон кунад;

б) роҳбари мақомоти молия ба донишҷӯи ба таҷрибаомӯзӣ ҳозиршударо аз шӯъбаҳои молия роҳбарони бевосита тибқи фармони муассиса таъйин намуда, дар асоси нақша-графики таҷрибаомӯзии устодони кафедра таҳиянамуда, гузаронидани таҷрибаомӯзиро назорат менамоянд;

в) донишҷӯёни таҷрибаомӯзро бо роҳбарони бевоситаи таҷрибаомӯзиашон ва шаклҳои фаъолияти амалии дар барнома ва графики таҷрибаомӯзӣ нишондодашуда шинос намуда, баргузории таҷрибаомӯзиро дар шӯъбаҳои молия ва ташкилотҳои буҷавии шаҳр ва ноҳия таъмин намоянд;

г) донишҷӯёнро ба корҳои таҳқиқотӣ ва ҷамъиятии шӯъбаҳои молия, ташкилотҳои буҷавии шаҳр ва ноҳия нисбат ба банақшагирии хароҷотҳои буҷетӣ, самаранокии онҳо ва сармоягузориҳои он ҷалб намоянд ва шинос менамояд;

д) донишҷӯёни ба таҷрибаомӯзӣ ҳозиршудаׂро ба табели ҳисобгирии дар шӯъбаҳои молия ҷойдошта дохил намудан ва бо ин васила баланд бардоштани масъулияти донишҷӯи таҷрибаомӯз;

е) аз ҷониби роҳбарони шӯъбаҳои молия, ки роҳбарии таҷрибаомӯзӣ ба зиммаи онҳо вогузор гардидааст, сабти ҳаррӯзаи корҳои дар барномаи таҷрибаомӯзӣ нишондодашуда ва вазифаҳои ба донишҷӯён супоридашуда дар мӯҳлат ва рӯзҳои дар тақвими таҷрибаомӯзӣ нишон додашуда амали намоянд;

ж) бурдани назорати риояи тартибу интизоми меҳнат ва низоми кори истеҳсолии донишҷӯёни ба таҷрибаомӯзӣ омадашуда;

з) тафтиши доимии сифати корҳои амалии аз тарафи донишҷӯён анҷомдодашуда ва ҳисоботҳои таҳиянамудаи онҳо дар асоси барномаи таҷрибаомӯзӣ;

и) бо баохиррасии мӯҳлати таҷрибаомӯзӣ, ба ҳисоботи таҷрибаомӯзии донишҷӯён додани тақризи хаттӣ, тавсифнома ҳамчун ба мутахассиси ҷавон ва баҳои мушаххас ба ҳисоботи онҳо омоданамуда.

**Донишҷӯёни ба таҷрибаомӯзии таълимӣ сафарбаршуда ӯҳдадор ҳастанд:**

а) ҳамаи вазифаҳои дар барнома ва графики таҷрибаомӯзӣ пешбинишударо иҷро намоянд;

б) ҳамаи иттилооти иқтисодию молиявӣ ва маводҳои зарурии амалиро барои навиштани ҳисобот ҷамъоварӣ намоянд;

в) тартиботи дохилии мақомотҳои молия ва муассисаҳои буҷетии шаҳру ноҳияҳоро риоя намоянд;

г) роҳбарони таҷрибаомӯзӣ ба фаъолияти амалӣ, омодашавии донишҷӯёни ба таҷрибаомӯзӣ ҳозиршуда ва корҳои амалию натиҷаноки онҳо дар мақомотҳои молиявӣ ҷавобгар мебошанд;

д) рӯзномаро мувофиқи нақша-графики таҳиягардида ва мавзӯъҳои дар он нишон додашуда пур кунанд;

е) дар рӯзнома доир ба хислати кори дар таҷрибаомӯзӣ иҷрошуда дар давоми рӯз сабтҳоро анҷом диҳанд ва дар давоми рӯзи корӣ ҳисоботро оид ба амалҳои анҷомдодааш таҳия намоянд ва барои тафтиш ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ пешниҳод кунанд, ба ғайр аз ин мувофиқи нақша дар давоми ҳафта як маротиба бо роҳбари худ аз донишгоҳ вохӯранд ё дар тамос бошанд;

ж) ҳисоботи солона ва семоҳаи ташкилотҳои молиявӣ ба сметаи онҳо шинос шаванд, ва маводҳоро мувофиқи нишондоди кафедра ҷамъоварӣ намоянд;

з) Баъд аз анҷоми таҷрибаомӯзӣ мувофиқи тақвими таҷрибаомӯзӣ ҳисоботи хаттӣ пешниҳод намуда, онро ҳимоя кунанд.

Донишҷӯёни барномаи таҷрибаомӯзиро иҷронакарда ва ё аз ҷойи таҷрибаомӯзӣ тақризи манфӣ гирифта ва онҳое, ки ҳангоми ҳимояи ҳисобот баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд, дар вақти таътил аз ҳисоби худашон аз нав ба таҷрибаомӯзӣ равона карда мешаванд, ё аз Донишгоҳ хориҷ карда мешаванд.

Нисбат ба донишҷӯёни қоидаҳои низоми дохили сохториро риоя намекунанд, аз тарафи роҳбарони муассисаву ташкилотҳои молиявӣ огоҳӣ дода мешавад ва ё муҷозот пешниҳод карда мешаванд ва ба ғайр аз ин ба ректори Донишгоҳ оид ба қоидавайронкунии донишҷӯи таҷрибаомӯз ҳабар дода мешавад, ки масъалаи минбаъда дар донишгоҳ мондан ё аз Донишгоҳ ҳориҷ намудани донишҷӯ дида баромада мешавад.

Ба донишҷӯёне, ки дар муддати таҷрибаомӯзии таълимӣ ба ҷойи корӣ таъмин карда шудаанд ва музди меҳнат мегиранд, идрорпулиашон низ дода мешавад. Ба донишҷӯёне, ки дар давраи таҷрибаомӯзии таълимӣ дар вазифаҳои музддор ба кор таъйин карда шудаанд, мувофиқи меъёрҳои муқарраршуда музди меҳнат дода мешавад.

Тибқи кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба донишҷӯёни ба кор таъйин кардашуда, дафтарчаҳои меҳнатӣ кушода мешаванд ва дар онҳо сабтҳои лозима гузаронида мешаванд.

**1.Мақсад, вазифа ва ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ**

Вазифаи таҷрибаомӯзӣ аз мукаммал гардонидани донишҳои назариявие, ки донишҷӯён дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба ихтисосҳои 1-26010303-идоракунии молияи давлатӣ ва 1-25010410-менеҷменти молиявӣ гирифтанд иборат буда, бо ин мақсад донишҷӯ дар давраи таҷрибаомӯзӣ вобаста ба касби интихобкардааш дар ташкилоту муассисаҳои буҷетии дар ихтиёри раёсати молия буда ва корхонаву ташкилотҳо оид ба ташкил, тақсим ва идоракунии самаранок захираҳои молиявии буҷетӣ ва истеҳсолотиро меомӯзад.

Самаранокии таҷрибаомӯзӣ дар мақомотҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шароити корӣ дар сохторҳои молиявӣ ва ҳолати молиявии соҳибкориҳо ва истеҳсолоти он вобаста мебошад. Донишҷӯи таҷрибаомӯз дар асоси рӯзнома ва тақвими таҷрибагузарӣ ба фаъолияти амалии молиявӣ машғул мегардад. Бо ин мақсад ҳар як таҷрибаомӯз бояд табели истифодабарии вақти корӣ барои худ тартиб диҳад ва бо ҳуҷҷатҳои асосноккунанда ҷои холиашро пур кунад.

Дар табели истифодабарии вақти корӣ миқдори соатҳои ҳақиқии коркардашуда нишон дода шавад. Донишҷӯ-таҷрибаомӯз набояд аз барномаи таҷрибаомӯзӣ берун барояд, маълумотҳои ғайрикасбиро мадҳи назар кунад ва ба дигар корҳои бо таҷрибаомӯзӣ дахлнадошта машғул нагардад. Барномаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ бо назардошти

натиҷаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ дар курсҳои 1-ум гузашташуда тартиб дода шудааст.

Роҳбари таҷрибаомӯзии аз тарафи Донишгоҳ таъйиншуда ӯҳдадор аст:

а) дар мувофиқат бо барномаи таҷрибаомӯзӣ ва шартҳои мушаххаси гузаштани он, дар мақомотҳои молиявӣ дар мӯҳлати 3-рӯзи баъд аз омадани донишҷӯ ба таҷрибаомӯзӣ, нақша-графики инфиродии таҷрибаомӯзии ҳар як донишҷӯро муайян намуда, таъйин кардани роҳбари таҷрибаомӯзиро дар ҷои таҷрибаомӯзӣ муайян кунад.

б) аз болои донишҷӯёни дар шаҳр ва берун аз шаҳри Душанбе ба таҷрибаомӯзӣ ҳозиршуда назорат бурда, нусхаи нақшаҳои тақвимию кории онҳоро бо мавзӯъҳои таълимии кафедра алоқамандро тафтиш намояд ва доир ба онҳо хулосаҳои ҳудро иброз дорад.

в) доир ба муаммоҳои таҷрибаомӯзӣ ва баргузории он дар мақомотҳои молия бо донишҷӯён машварат барпо созанд, ҳангоми гузариши таҷрибаи истеҳсолии берун аз шаҳри Душанбе бо донишҷӯён алоқаи интернетӣ ва хаттӣ барқарор намоянд ва ба ҷойҳои таҷрибаомӯзии онҳо барои тафтиш ҳозир шаванд ва ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар шаҳри Душанбе ба манбаъҳои таҷрибавӣ раванд ва бо донишҷӯён дар донишгоҳ вохӯрӣ баргузор намоянд.

Новобаста аз миқдори ташрифовариҳои баргузорнамуда ба ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ бо донишҷӯёне, ки таҷрибаомӯзиро дар шаҳри Душанбе мегузаронанд, мувофиқи ҷадвали дар кафедра таҳияшуда ҳафтае як маротиба бо онҳо вохӯрии ҳатмӣ доир намоянд. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра бо ҳар як донишҷӯи таҷрибаомӯзи ихтисосҳои 1-26010303-идоракунии молияи давлатӣ ва 1-25010410-менеҷменти молиявӣ нисбат ба маводҳои ҷамъоварӣ ва ҳисобот сӯҳбатҳо меорояд ва дар ҳолатҳои зарурӣ онҳоро шарҳу эзоҳ медиҳад. Ҳар як вохӯрӣ бо донишҷӯи таҷрибаомӯз дар рӯзномаи ӯ бо имзои роҳбар қайд карда мешавад;

г) устод аз кафедра машваратҳои методиро бо таҷрибаомӯзону роҳбарони онҳо дар мақомотҳои молия доир намояд.

д) сатҳи азхудкунии амалияи молиявии донишҷӯёнро муайян намуда, сатҳу сифати иҷроиши нақшаҳои тақвимии мавзӯъҳои таҷрибаомӯзиро назорат баранд.

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз мақомоти молия аз ҷониби раёсати молия таъйин карда мешавад. Ба ғайр аз роҳбари умумӣ аз кафедра ба донишҷӯ дар сохторҳои алоҳидаи мақомоти молия бо фармони роҳбари раёсати молия роҳбар аз сохтори бахши молиявӣ таъин карда мешавад.

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз сардорони шӯъбаҳои алоҳидаи дар мақомоти молия ҷойдошта (бахши сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ, шиносоӣ бо фаъолияти кори амалии шӯъбаи буҷет, шӯъбаи хазинадорӣ, шӯъбаи аудит) роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзиро ба роҳ мемонад. Роҳбари таҷрибаомӯзии шуъба ӯҳдадор аст:

А) фаъолияти ҳаррӯзаи донишҷӯёнро нисбати анҷомдиҳии корҳои амалии молиявӣ дар шӯъба таъмин намояд, ба онҳо дар асоси дастурамалҳои амалкунанда ва тағйироту иловаҳои ба онҳо воридкардашуда шарҳу эзоҳ диҳад, иҷроиши саривақтии корҳои амалии супоридашуда ва сифати онҳоро тафтиш намуда, ба талабот мувофиқ кардани онҳоро талаб намояд.

Б) мувофиқатии сабтҳои дар рӯзнома ҷойдодашударо бо навиштаҷоти тақвими таҷрибаомӯзӣ ва корҳои амалии дар ҳақиқат анҷомдодаи донишҷӯёнро тафтиш намояд ва дар ҳамин асос дар рӯзнома қайдҳо гузаронад ва ҳисоботи донишҷӯёни таҷрибаомӯзро назорат барад.

В) ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра роҳбари умумӣ аз мақомоти молия оиди сатҳу сифат ва омодашавии касбии донишҷӯи таҷрибаомӯз маълумот диҳад, иштироки донишҷӯро ва самаранокии фаъолияти онро дар корҳои ҷамъиятӣ назорат барад.

Дар ҳисоботи таҷрибаомӯзии донишҷӯ масъалаҳои ташкили банақшагирии даромадҳои буҷетӣ вобаста ба сатҳи афзоиши маҷмӯи маҳсулоти миллӣ дар алоқа бо намудҳои андоз бояд ҷой дошта бошад. Ҳамзамон банақшагирии талаботи муассисаҳои буҷетӣ оид ба

маблағҳои буҷетӣ ва ба маблағгузории буҷетӣ тарзу усули кори хазинадорӣ дар ноҳияҳо, тарзу усули фаъолияти алоқаи ягонаи интернетӣ ва самаранокии он дар сохтори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тарзу усули анҷомдиҳии назорати молиявӣ нисбати самаранок истифодабарии захираҳои молиявӣ дар ташкилотҳои молиявӣ дар ҳисобот дарҷ бояд ёбанд. Ҷобаҷогузории мантиқии мавзӯҳои дар амалияи таҷрибаомӯзӣ аз худ кардашаванда, усулҳои иҷроиш ва алоқаи мутақобилаи амалиётҳои молиявии анҷомдодашуда бояд бо ҷадвалҳо, расмҳо ва ҳуҷҷатҳо тасвир карда шаванд.

Дар барономаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷанбаъҳои муҳими гузариш ба иқтисоди бозорӣ пешниҳоди омӯзиши ҳамаҷонибаи таҷрибаи пешқадами дохилӣ ва хориҷӣ, ки ҷараёни сифатноки истифодаи онро дар инкишофи иқтисодию иҷтимоии мамлакат таъмин намояд.

Дуруст ба роҳ мондани ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар муассисаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ яке аз самтҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Ҳадафи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ аз худ намудани дониши амалӣ, навоваронаи мустақилонаи корӣ дар ҷодаи муассисаҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва дар самти муносибатҳои пулию қарзӣ ва ҳамчунин мустаҳкамсозии дониши назариявии дар давоми таълим мебошад. Дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ алоқамандии назария ва амалия бо фанҳои омӯзондашаванда: идоракунии молияи давлатӣ, менеҷменти молиявӣ, идоракунии хавфҳои молиявӣ, амалиётҳо дар бозори молиявӣ, ҳуҷҷатгӯзории молиявӣ, идоракунии хариди давлатӣ, назорати давлатии молиявӣ ва идораи он, лизинг, низоми буҷетӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ғайра.

Вазифаи асосии донишҷӯён азхудкунии бахшҳои фаъолияти муассисаҳои истеҳсолӣ, Раёсати молия, корхонаҳо ва ташкилотҳо азхудкунии навигариҳо дар асоси донишҳои ва дар донишгоҳ ноилгаштаи донишҷӯён мебошад.

Таҷрибаомӯзии таълимии донишҷӯёни ихтисосҳои 1-26010303-идоракунии молияи давлатӣ ва 1-25010410-менеҷменти молиявӣ барои донишҷӯни таҳсили рӯзона ва ғоибона дар асоси нақшаи таълимӣ муқаррар карда шудааст. Дар давраи таҷрибаомӯзи донишҷӯён ба корҳои ташкилии самтҳои гуногуни сохтори истеҳсолӣ ва Раёсати давлатӣ шинос мешаванд.

Аз рӯзи ҳозиршавии донишҷӯён дар ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ бо фармони роҳбари ташкилот ё муассисаҳо роҳбари таҷрибаомӯзон аз ҳисоби мутахассисон таъйин карда мешаванд, ки он дар асоси барномаи тақвимӣ нақшаи гузаронидани таҷрибаомӯзиро мураттаб месозад ва роҳбариро оид ба пурра ва сифатнок гузаронидани таҷрибаомӯзӣ амалӣ менамояд.

Таҷрибаомӯзӣ дар ҷойҳои корӣ бояд чунин сурат гирад, ки донишҷӯёни таҷрибаомӯз дар ибтидо таҳти роҳбарии кормандони маъсули муассиса ва мақомотҳои дахлдор, мустақиман бо нозирон, иқтисодчиён ва ходимони муҳосибот корро давом диҳанд

Донишҷӯёни таҷрибаомӯзе, ки таҷрибаи кофӣ доранд, аз рӯйи ихтисос метавонанд дар якҷоягӣ бо нозирон, иқтисодчиён ва муҳосибон кор ва фаъолият намоянд. Дар рафти таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён инчунин бо ҷамъкунии маводҳо барои навиштани ҳисобот низ машғул мешаванд.

**2.Маълумоти мухтасар доир ба фаъолияти мақомоти молия**

Дар ин қисмат донишҷӯ бояд маълумотҳои зеринро сабт намояд:

-сохтори ташкилии раёсати молия (коркарди нишондиҳандаҳои асосӣ оид ба банақшагирии даромадҳои андозӣ, боҷу хироҷи воридшаванда, маблағҳои ғайридавлатигардонии амволи давлатӣ, дотатсияҳои буҷетӣ ва дигар воридотҳо) ташкилдиҳии пардохтҳои даромадҳои буҷет ва баҳисобгирии онҳо. Инчунин пешниҳоди ҳисоботҳо оид ба сатҳи ҷамъоварии даромадҳои буҷетӣ, тағйироту иловаҳои ба буҷет ва чараёни иҷроиши он воридгардида, аз худ кардани амалияи низоми ягонаи алоқаҳои электронӣ ва интиқоли ҳисоботҳо ба сохторҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Пур кардани ҳуҷҷатҳои шуъбаи хазинадорӣ оид ба интиқоли маблағҳо, ба истифодабарандагон дар асоси ҳуҷҷатҳои аз буҷет ба хазинадорӣ пешниҳодшуда, таҳияи ҳисоботи хазинадорӣ оид ба фаъолияти он, хусусияти ташкил ва технологияи раванди алоқаи ягонаи электронӣ байни бахшҳои молия ва алоқаи раёсати молия бо дигар сохторҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Иҷроиш, нишондиҳандаҳои нақшавӣ, сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ, маълумот доир ба шӯъбаи сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ, сатҳ ва самаранокии низоми ягонаи алоқаҳои электронӣ дар сохтори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 3.Маълумоти мухтасар доир ба фаъолияти шӯъбаҳои молияи шаҳр ва ноҳияҳо

Дар ин қисмат масъалаҳои муҳими ташкили маблағҳои буҷетӣ ва сарчашмаҳои асосии онҳо, вобаста ба талаботи ташкилотҳои аз буҷет маблағгузоришаванда, муайян кардани ҳаҷми маблағҳои аз буҷет ба маблағгузории соҳаҳои иқтисодиёт (соҳаҳои истеҳсоли неъматҳои моддӣ, сектори ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мудофиа, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, маориф, нигоҳдории тандурустӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ) ҷудокардашаванда, таҳия кардани нақшаи воридоти маблағҳо ба буҷет ва банақшагирии хароҷоти он маблағҳо дар ташкилотҳои буҷетӣ ҷой доранд Дар сметаи ташкилотҳои буҷетӣ модда ба модда ба нақша гирифтани хароҷотҳои ташкилотҳои буҷетӣ нишондода мешаавад. Дар он пешбинӣ кардани маблағҳои аз буҷет ҷудокардашаванда ва маблағҳои ғайрибуҷетии муассисаҳои буҷетӣ нишон дода мешавад.

Пур кардани ҳуҷҷатҳои молиявии (банақшагирии талаботҳо ба захираҳои молиявӣ) ташкилотҳои буҷетӣ ва нишон додани ҳаҷми маблағҳои аз буҷет мувофиқи меъёрҳои сарикасӣ ҷудокардашаванда ва маблағҳои ғайрибуҷетии муассисаҳои буҷетӣ (мактаб, табобатхонаҳо ва ғайра). Пешниҳоди нақшаи таҳияшуда ба тақсимкунандаи аввалини захираҳои молиявӣ (роҳбарияти ноҳия) ва дигар тақсимкунандагон

(шӯъбаи маорифу тандурустӣ). Тахияи нақшаи умумии харочотҳои буҷетӣ дар мақомоти молия.

Мураттабсозии ҳисоботҳо оид ба иҷроиши буҷет. Иштирок дар банизомандозии ҳуҷҷатгузории дар раёсати молия ҷойдошта ва дар ҳамин асос тахия кардани ҳисоботҳо ва пешниҳоди онҳо ба раёсатҳои болоии молиявӣ ва ҳисоботҳои таҷрибаомӯзӣ. Дар асоси таҳлили ҳисоботи иҷроиши буҷети маҳал пешниҳод кардани таклифу пешниҳодҳо оид ба  самаранок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ.

**4.Ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар ҷойҳои корӣ**

Ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар муассисаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ донишҷӯи таҷрибаомӯз бояд бо усули кори корхонаҳои дахлдор таваҷҷӯҳ намояд ва асноди меъёрию ҳуқуқии  соҳаи низоми  молияву буҷҷетро аз худ намояд.

Вобаста ба ин дар мақомоти молия:

*Дар шуъбаи банақшагирии иқтисодӣ, пардохтҳо ва технологияи иттилоотӣ.*

Вазифаи асосии функсионалии ин шӯъба аз он иборат аст, ки чорабиниҳои ибтидои оиди гузаронидани баҳисобгирии истеҳсолӣ, сохтани ҳисоботҳо, тартиби гузаронидани варақаҳои ҳисоббаробаркуни, баҳисобгирии маблағҳои ҳисобкардашудаи истеҳсолӣ, баҳисобгирии пардохтҳои воридшуда, баҳисобгирии озмоишҳо, бар гардонидани онҳо ва ҳамарӯза молҳои истеҳсолшуда, баргардонидашуда, бақияи қарзи кредиторӣ аз соли гузашта ба соли оянда гузаронида ва аз иҷроиши нақшаи молиявӣ, ки қисми зиёди даромадҳои корхонаро ташкил медиҳад ҳамарӯза ба сардори муҳосибот ҳисобот медиҳад.

*Омӯзиши кори шӯъбаи хизматрасонӣ ва молияситони аз  шахсони ҳуқуқӣ.*

Вазифаи  функсионалии ин шуъба аз он иборат аст, ки  аз болои шахсони ҳуқуқӣ яъне корхонаҳо ташкилотҳо, муассисаҳо, бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ доири иҷрои ӯҳдадориҳои молия назорат мебаранд. Қабул намудани ҳисоботҳое, ки шахсони ҳуқуқи вобаста аз самти фаъолияташон пешниҳод менамоянд. Дар ҳолате, ки шахси ҳуқуқи

қонунгузории молияро вайрон мекунад аз рӯйи чунин шахсон тартиб додани санадҳо ва ситонидани ҷаримаҳо ва пеняҳо оиди ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гузаронида мешавад. Тартиби бақайдгирии шахсони ҳуқуқи дар Раёсати молиява назорат аз болои чунин шахсон ва ҳисобот додан ба мақомотҳои болои оиди фаъолияти шахсони ҳуқуқи ва қаът гаштан ё барҳам додани шахсони ҳуқуқӣ.

*Омӯзиши кори шӯъбаи хизматрасонӣ ва молияситони аз шахсони воқеӣ.*

Вазифаи функсионалии ин шӯъба ин ҷамъоварӣ маблағҳои молияи амволи ғайриманқул ва молияи замини наздиҳавлигии шахсони воқеи, тартиби додани рақами мушаххаси молиясупоранда ва қабул намудани эъломияи молияи даромад аз шахсони воқеи (хизматчиёни давлатӣ), ки дар соҳаи гуногуни мақомотҳои қудрати кор мекунанд иборат мебошад. Барӯйхатгирии амволи шаҳрвандон (инвентаризация) оиди муайян намудани заминаи молия аз амволи ғайриманқули шаҳрвандон. Тартиби мураттаб ва пешниҳод намудани ҳисобот ба мақомотҳои болои оиди молияи даромад аз шахсони воқеи, молияи амволи ғайриманқул ва молияи замини наздиҳавлигии шахсони воқеи. Тартиб додани огоҳномаҳо оиди хабардор намудани молиясупорандаҳо доири иҷрои ӯҳдадории молия.

*Омӯзиши кори шӯъбаи хизматрасонӣ ва молияситонӣ аз соҳибкорони инфиродӣ.*

Вазифаи функсионалии шӯъбаи хизматрасонӣ ва молияситонӣ аз соҳибкорони инфиродӣ аз он иборат аст, ки дар ин шӯъба асосан бақайдгирии соҳибкорони инфиродие, ки ба фаъолияти соҳибкори машғуланд ва назорат аз болои чунин соҳибкорон, гузаронидани санҷишоҳои камерали ва хронометражи ва қабул намудани ҳисоботҳои молияе, ки соҳибкори инфироди тартиб додаст ва эъломия пешниҳод кардааст.

Дар ҳолате, ки соҳибкори инфиродӣ қонунгузории молияро вайрон мекунад аз рӯйи чунин шахсон тартиб додани санадҳо ва ситонидани ҷаримаҳо ва пеняҳо оиди ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гузаронида

мешавад. Тайёр кардани ҳисоботҳо ва ба мақомотҳои болои ҳисобот додан оиди соҳибкороне,ки ба фаъолияти соҳибкори машғуланд ва ё фаъолияти соҳибкории худро қатъ гардонидаанд.

Иҷро намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсатҳо дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ва сардори Раёсати молияи ноҳия ва ғайраҳо.

*Омӯзиши кори бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқи ва соҳибкорони инфиродӣ.*

Вазифаи ин бахш аз он иборат аст, ки ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки дар қайди Раёсати молия ҳастанд онҳоро аз сари нав яъне азнавбақайдгири (перерегистрация) гузаронида мешавад.

Ин бахш асосан тамоми шахсони ҳуқуқи ва соҳибкорони инфиродиро бақайд гирифта ба онҳо ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда медиҳад ба монанди (Шаҳодатнома, патент ), ки онҳо дар қайди Раёсати молия мебошанд. Ин бахши бақайдгири бо принсипи «Равзвнаи ягона» ташкил карда шудааст. Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳамаи молия супорандаҳоро ба қайд гирифта ба мақомотҳои болои яъне ба раёсати молияи вилоятҳо ва кумитаи молияӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот оиди аз қайди раёсати молия гузаштан маълумот пешниҳод менамоянд.

## 5.Роҳбарии таҷрибаомӯзии таълимӣ

Роҳбари таҷрибаомӯзии таълим ӣ аз ҳисоби устодон – мутахассиси касбии кафедраи менеҷменти молиявӣ таъин карда мешавад. Назорати рафти ҷараёни таҷрибаомӯзӣ аз тарафи роҳбар амалӣ мешавад ва дар давраи таҷрибаомӯзӣ роҳбар ба ташкилотҳо ва муассисаҳое, ки донишҷӯён таҷрибаомӯзӣ мегузаранд, аз рафти он хабардор мешавад. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ метавонад донишҷӯёнро рӯзҳои шанбеи ҳар ҳафта оид ба масъалаҳои омода намудани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ба кафедра даъват намояд.

**Роҳбари таҷрибаомӯзии аз донишгоҳ интихобгардида ӯҳдадор аст:**

- донишҷӯён-таҷрибаомӯзонро бо объекти таҷрибаомӯзӣ шинос кунад;
- бо донишҷӯён оиди тартиби кори сохтори молиявӣ ва мӯҳлати таҷрибаомӯзӣ сӯҳбатҳо гузаронад;
- донишҷӯёнро бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ (рӯзнома, барномаи гузаштани таҷрибаомӯзӣ) шинос намуда, тартиби пур намудан ва истифода бурдани онҳоро фаҳмонад;
- ба донишҷӯён-таҷрибаомӯзон дар тартиб додани нақша-ҷадвал ва тақвими гузаштани таҷрибаомӯзӣ кӯмак расонад;
- аз рӯи имконият дар як ҳафта як маротиба ба объекти таҷрибаомӯзӣ рафта, бо донишҷӯён-таҷрибаомӯзон вохӯрда, ба онҳо ёрии назариявӣ ва амалӣ расонад.
- дар асоси иттилооти иқтисодию молиявии аз тарафи донишҷӯёни таҷрибаомӯз ҷамъоваришуда ба навиштани корҳои хатмкунӣ мусоидат намояд.

**Роҳбар аз объекти таҷрибаомӯзӣ интихобгардида ӯҳдадор аст:**

- донишҳои амалиро оид ба фаъолият дар шӯъбаҳо ва раёсатҳои мақомоти молия ва тағйиру иловаҳои дар он бавуҷудомадаро ба донишҷӯи таҷрибаомӯз омӯзонад ва сатҳи тайёрии касбии онро ба талаботи стандартҳои байналхалқӣ ҷавобгӯй гардонад.
- дар мувофиқат бо роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра нақшаҷадвали инфиродии гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолиро тартиб диҳад;
- иҷрои нақша-ҷадвали инфиродии гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолиро ва бо маводҳои амалӣ пурра кардани ҳисоботро назорат кунад;
- донишҷӯ-таҷрибаомӯзро бо ҷои кор ва шароити гузаштани таҷрибаомӯзӣ таъмин намояд;
- бо донишҷӯён-таҷрибаомӯзон оиди техникаи бехатарӣ ва тартиби кор сӯҳбатҳо гузаронида, ҳамчунин супоришҳои яккарата диҳад;
- ҳисоботи пешниҳоднамудаи донишҷӯ-таҷрибаомӯзро тафтиш намуда, бо маводҳои амалӣ пурра будани онро муайян кунад ва дар ҳолати

ҷой доштани камбудиҳо тарзу усули бартарафкунии онро ба донишҷӯ нишон диҳад.

**6.Кори аз ҷониби донишҷӯ мустақилона иҷрошаванда**

**Донишҷӯён ӯҳдадоранд:**

Донишҷӯён дар давоми таҷрибаомӯзӣ ӯҳдадоранд, ки то ба таҷрибаомӯзӣ омадан дар якҷоягӣ бо роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра нақшаи гузаштани таҷрибаомӯзиро таҳия намоянд:

- дар мӯҳлати таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ пурра ба қоидаҳои дохилӣ ва реҷаи корӣ риоя карда, барои иҷрои корҳои амалии анҷомдодааш ҷавобгӯй аст;
- ҳангоми гузаштани таҷрибаомузи у дар кадом вазифаҳо кор кардааст (бо давраҳои алоҳида), кадом корҳои мушаххасро анҷом додаст;
- дар асоси ҳуҷҷатҳои оморӣ микдори андозсупорандагон ва номгӯи андозҳои супоридашавандаро муайян карда, нақшаи воридоти андоз ва пардохтҳоро дар ноҳия таҳия намуда, дар асоси он нисбати корҳои хатмкунӣ иттилоот ҷамъ меоварад;
- ҳамаи супоришҳо ва нишондодҳои маъмурӣ ва илмию техникии роҳбари таҷрибаомӯзиро аз муассиса дар мӯҳлатҳои муайяншуда бо сифати баланд иҷро намояд;
- таҳқиқот, таҷриба ва мушоҳидаҳо гузаронида, барои ҳисобот мавод фароҳам оварад;
- дар рӯзнома мунтазам қайдҳо намуда, ҳисоботи таҷрибаомӯзиро сари вақт тартиб диҳад;
- дар муассиса интизоми намунавӣ дошта, тартиботи ҷориро қатъиян риоя намояд;
- дар корҳои ҷамъиятии муассиса фаъолона ширкат варзад.
- дар ҷои кор фаъолияти иқтисодӣ – молиявиро мустақилона анҷом диҳад, вазифаҳои супоридашударо мувофиқи барномаи таҷрибаомӯзӣ иҷро кунад, мустақилона ё бо роҳбарии роҳбари таҷрибаомӯзӣ корҳои таҳлилиро анҷом диҳад ва дар ҳамин асос барои худ таҷрибаи амалии корӣ ҷамъ оварад ва таклифу пешниҳодҳои самаранокро ба

соҳибкорҳо ва фаъолияти раёсати молия пешниҳод кунад, дар кадом шароит сурат гирифтани таҷрибаомӯзӣ ҳангоми иҷроиши вазифаҳои ба зиммаи ӯ гузошташуда, мушкилотҳои пешомадаро ба роҳбарияти раёсати молия иброз дорад.

Пас аз итмоми муҳлати таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ бояд ба кафедра рӯзнома ва ҳисоботро, ки роҳбари таҷрибаомӯзии муассиса тасдиқ намудааст, супорад.

Рӯзномаи таҷрибаомӯзиро шахсан пур намояд. Корҳои иҷрошуда ва натиҷаи озмоиши гузаронидашударо (на камтар аз як маротиба дар як ҳафта) навишта бо имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ тасдиқ намояд. Пас аз ба итмомрасии таҷрибаомӯзӣ аз ташкилотҳои ҷамъиятии муассиса тавсифнома ва аз роҳбари таҷрибаомӯзии муассиса роҷеъ ба маводу кораш тақриз гирад.

Донишҷӯи таҷрибаомӯз ҳисоботи таҷрибаомӯзиро мувофиқи нишондоди барномаи таҷрибаомӯзӣ ва супоришоти иловагии роҳбари таҷрибаомӯзии муассиса бояд тартиб диҳад. Сатҳи азхудкунии амалияро аз тарафи таҷрибаомӯз роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз раёсати молия баҳо диҳад ва ҳавасмандгардониҳоро нисбати касби интихобкардааш бедор кунад.

## 7.Мураттаб намудан ва ҳимояи ҳисобот

Баробари ба охир расидани таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ-таҷрибаомӯз аз маводҳои ҷамъ намудааш доир ба муассисаи таҷрибаомӯзӣ ба кафедра ҳисобот пешниҳод менамояд. Ҳисоботи таҷрибаомӯз мувофиқи нақшаи тақвими таҷрибаомӯз омода мешавад.

Дар ҳисобот бояд ҳамаи ҳуҷҷатҳо оид ба таҷрибаомӯзӣ бо тамоми маводҳо нишон дода шавад.

Ҳисобот аз се қисм: слайди баромад, матн ва замима иборат мебошад.

Қисми замима, нақша ва ҳуҷҷатҳои расмиро дар бар мегирад.

Дар интиҳои ҳисобот донишҷӯ имзои худ ва санаи ба кафедра пешниҳод намударо ҷой медиҳад.

Бо итмоми тачрибаомӯзӣ мудири кафедраи «менеҷменти молиявӣ» комиссия созмон дода мешавад, ки донишҷӯён ҳисоботашонро дар ҳузури он ҳимоя мекунанд.

Донишҷӯёне, ки ҳисоботро пешиҳод намекунанд ва ё баҳои ғайриқаноатбахш мегиранд, ба имтиҳони давлатӣ роҳ дода намешавад. Дар ҳисобот масъалаҳои зерин бояд шарҳу тафсир ёбанд:

Маълумоти умумӣ оид ба мақомоти молия, соҳибкориҳо, ташкилотҳои буҷетӣ ва шахсони воқеӣ оид ба андозсупориҳо, тартиб ва мӯҳлати андозсупориҳо оварда мешавад. Дар мувофиқа бо тақвими тасдиқшуда (корҳои амалӣ) кадом корҳои ҷамъиятӣ ҳангоми гузаштани тачрибаомӯзии истеҳсолӣ аз тарафи донишҷӯ иҷро карда шудааст.

Донишҷӯ ӯҳдадор аст, ки дар назди роҳбарони тачрибаомӯзӣ аз шӯъбаҳо ва раёсатҳои мақомоти молия оиди кори тачрибаомӯзии иҷрокардааш баромад кунад. Роҳбари тачрибаомӯзӣ аз мақомоти молия вобаста ба сатҳи азхудкунии донишҳои амалии фаъолият ба тачрибаомӯз баҳо диҳад, ки он дар тавсифномаи ба донишҷӯи тачрибаомӯз пешниҳодшуда инъикос меёбад. Дар навбати худ тачрибаомӯз низ бояд фикру мулоҳизаҳои худро доир ба ташкили тачрибаомӯзӣ баён намояд.

**Мақсад ва вазифаҳои кор:**

- мундариҷа ва мазмуни корҳои асосии тачрибаомӯзӣ ва хулосаҳои пешакӣ оид ба натиҷаи онҳо;
- мазмуни мушаххас ва рафти иҷрои супоришоти фардӣ;
- маълумоти мушаххас оиди сафарҳои хизматӣ (агар онҳо ҷой дошта бошанд);
- қисми хотимавӣ, баҳои умумии натиҷаи тачрибаомӯзӣ, тавсияҳои илмию техникӣ, пешниҳодоти тачрибаомӯз оиди беҳтар намудани кори муассиса ва ғайра).

Ҳисобот то ҳадди имкон бо расмҳо, нақшаҳо, ҷадвалҳо, натиҷаҳои экспертӣ, схемаҳо, замимаҳо ҷиҳозонида шавад.

Баҳои натиҷаи тачрибаомӯзӣ аз тарафи профессор ё дотсенти кафедра ва ё комиссияи оид ба тачрибаомӯзӣ таъсисдодаи кафедра

(роҳбари таҷрибаомӯзӣ) аз рӯи низоми чорхолӣ (балл)-аъло, хуб, қаноатбахш, ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.

Бе пешниҳоди рӯзнома ва ҳисобот ба донишҷӯи таҷрибаомӯз баҳо гузошта намешавад.

Донишҷӯёне, ки қоидаҳои дохилии таҷрибаомӯзиро вайрон кардаанд ва барномаи таҷрибаомӯзиро иҷро накардаанд, онҳое ки оид ба таҷрибаомӯзӣ тақризи манфӣ доранд ва ё дар вақти муайяншуда ҳисобот пешниҳод накардаанд ва ё дар ҳимояи ҳисобот баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд аз курс ба курс гузаронида намешаванд ва аз ҳисоби худ дар давраи таълим такроран ба таҷрибаомӯзӣ равона карда мешаванд.

Мудири кафедра оид ба таҷрибаомӯзии донишҷӯён ба раёсати Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод мекунад. Номгӯи мавзӯъҳои тақвимӣ таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар замима пешниҳод шудааст.

## 8.Ҷамъбасткунии маводҳо ва тайёркунии ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ

### Сохтори ҳисобот дар бораи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ

Ҳисобот бояд дар асоси тақвими баргузории таҷрибаомӯзии таълимӣ дар мақомоти молияи ноҳия таҳияшудаю тасдиққардашуда, ки ба талаботҳои барномаи аз кафедра пешниҳодшуда мувофиқат менамояд, бояд ҳамарӯза тартиб дода шавад.

Ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ бояд аз нақшаи корӣ, сарсухан, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда маводҳои аз таҷрибаомӯзии дар чор шӯъбаи мақомоти молияи ноҳия баргузоргардида иборат буда, ҳисобот дар асоси барномаи таҷрибаомӯзии таълимӣ ва хулоса таҳия мегардад иборат бошад.

Дар сарсухан ҳадаф ва вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ, объекти таҷрибаомӯзиро муайян намуда, сохтори ҳисоботро тавсиф додан зарур мебошад.

Ҳангоми тартиб додани ҳисобот нисбати таҷрибаомӯзӣ дар шуъбаҳои раёсати молияи ноҳия, ҳисоботи муфассал дар асоси мавзӯҳои

дар накшаи тақвимӣ нишон додашуда ва адабиёти касбӣ омодакардашуда бо нусхаи ҳуҷҷатҳои дар амалия истифодашуда пурра карда мешавад.

Дар рафти таҷрибаомӯзӣ сари вақт рузномаи таҷрибаомӯзӣ аз тарафи муассиса имзо ва мӯҳр гузошта, хулосаи роҳбарон, пешниҳод ва тибқи талаботи барномаи таҷрибаомӯзӣ хонапури намудани рузномаҳои таҷрибаомузӣ амали карда мешавад.

Ҳисоботи пешниҳодшаванда фаъолияти амалиро дар чор шӯъбаи мақомоти молия бояд дар бар гирад, ки ба нақшаи тақвимӣ дар мувофиқат аст. Муайян намудани тақвими номгӯи мавзӯъҳо, шумораи саволҳо (қисмҳои)- и ҳисобот аз рӯйи меъёри зерин амал карда мешавад: қисмҳои алоҳида дар якҷоягӣ то чӣ андоза ҳамаи паҳлӯҳои фаъолияти объекти таҷрибаомӯзиро дар ҳоли ҳозир ва самтҳои имконпазири инкишофи онро дар оянда пурра кушода метавонанд.

Дар ин ҳолат ҷамъбасти далелҳои воқеие, ки дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ ҷамъ оварда шуда буданд, муҳим аст.

Дар қисми хотимавӣ хулосаҳо аз таҷрибаомӯзӣ оварда шуда, натиҷаҳои ба даст овардашуда ҷамъбаст карда мешавад.

Ҳамчун қоида, дар ҳисоботҳо ҷадвал ва графикҳо оварда мешаванд, ки онҳо бояд рақамгузорӣ шуда, ҳамчунин шарҳ дода шаванд. Ҳисобот дар бораи таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби донишҷӯ бояд дар муҳлати муқарраршуда ба роҳбар супорида шаванд.

Ҳамроҳи ҳисобот тавсифнома аз роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объекти таҷрибаомӯзӣ, ки ҳатман имзо шудаву бо мӯҳр тасдиқ гардида бошад, пешниҳод карда мешавад. Ҳаҷми ҳисобот бояд на камтар аз 30-саҳифаи ҳуруфчинии компютерӣ бо шрифти 14 , ба он таҷрибаомӯз, роҳбарони таҷрибаомӯз, роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва объекти таҷрибаомӯзӣ имзо гузоранд.

Донишҷӯёне, ки барномаи таҷрибаомӯзиро иҷро накардаанд, доир ба таҷрибаомӯзӣ тақризи манфӣ доранд, ё дар ҳимояи ҳисобот баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд, аз курс ба курс гузаронида

намешаванд ва аз ҳисоби худ дар давраи таътил такроран ба таҷрибаомӯзӣ равона карда мешаванд ва мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати он раёсати донишгоҳ чорабинӣ пешниҳод менамояд.

Дар ҳолати барқарор ё интиқоли донишҷуён, аз як ихтисос ба дигар ихтисос, барқарорнамудан, баъд аз хориҷ, ки аз тарафи раёсати таълимӣ Доношгоҳ таҷрибаомузии таълимӣ ҳамчун фарқият ба нақшаи таълимӣ баровварда мешавад.

Дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳ ба ӯ варақаи фарқият бо раёсати таълим мувофиқа карда шуда, рузномаи таҷрибаомӯзӣ ба донишҷу дода мешавад.

Ҳисобот оид ба иҷроиши барномаҳои таҷрибаомӯзӣ дар раванди гузаштани ҳар як мавзӯъ аз ҷониби донишҷӯ тартиб дода мешавад.

Бо баохиррасии таҷрибаомӯзӣ, ҳимояи ҳисоботҳо дар мақомоти молияи ноҳияи ҷойи таҷрибаомӯзӣ дар назди комиссия дар ҳайати роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз раёсати молия ва донишгоҳ ташкил карда мешавад.

Ҳангоми ҳимояи ҳисобот донишҷӯ бояд донишу малакаи худро доир ба фаъолияти амалии молия,менеҷменти молиявӣ, идораи молияи давлатӣ ва дар иқтисодиёт нишон диҳад.

Муҳлати таҷрибаомӯзии таълимӣ муфоқи нақшаи таълими Донишгоҳ барои донишҷуёни курси 2-юм аз 29 июни соли 2022 то 12 ноябри 2022 муқарар карда шудааст.

Баъди тафтиши ҳисобот ва мувофиқати он ба талаботи мактаби олӣ роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра, рӯзи ҳимояи ҳисоботро таъйин менамояд. Дар он рӯз донишҷӯ дар ҳузури комиссияи кафедра ҳисоботи худро ҳимоя мекунад. Комиссияи назди кафедра дар ҳайати 3-нафар аз ҳисоби устодони ботаҷриба вобаста ба сатҳи дониши донишҷӯ дар вақти ҳимояи ҳисобот, ҳисоботи донишҷӯро муҳокима намуда баҳогузори карда мешавад.

Бе пешниҳоди рӯзнома ва ҳисобот ба таҷрибаомӯзии донишҷӯ баҳо гузошта намешавад. Баҳои натиҷаи таҷрибаомӯзӣ аз тарафи профессор ё дотсент (роҳбари таҷрибаомӯзии ) аз рӯйи системаи чор холӣ (балл) – аъло, хуб, қаноатбахш, ғайриқаноатбахш гузошта мешавад. Бе пешниҳоди рӯзнома ва ҳисобот ба таҷрибаомӯзии донишҷӯ баҳо гузошта намешавад. Ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ тибқи фармоиши ректори донишгоҳ дар мудати 10-рӯз баъд аз анҷоми таҷрибаомӯзӣ ба бахши таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти Донишгоҳ , санад тартиб дода шуда бо имзои роҳбарони таҷрибаомӯзӣ дар ду нусха супорида мешавад.

**Замимаи 1.**

**ТАҚВИМИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ**

**барои донишҷӯёни соли 2-уми ихтисоси 1-25010410- менеҷменти молиявӣ ва ихтисоси 1-26010303 – идораи молияи давлатӣ (бакалавр) мавзӯъҳои зерин оид ба таҷрибаомӯзӣ муайян карда мешавад:**

| № р/т | Номи мавзӯъҳо | Микдори рӯзҳои корӣ |
|---|---|---|
| 1. | **Таҷрибаомӯзӣ дар шӯъбаҳо ва бахшҳои массисаҳои давлатии мақомоти молия** | |
| | Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрие, ки фаъолияти шӯъбаро ба танзим медарорад<br>Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрие, ки фаъолияти шӯъбаро ба танзим медарорад:<br>1. Шиносоӣ бо сохтори мақомоти молия.<br>2. Шиносоӣ бо вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии вилоят, шаҳр ва ноҳия.<br>3. Шиносоӣ бо таркиби намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар шаҳр ва ноҳия аз рӯи маълумотҳои оморӣ.<br>4. Шиносоӣ бо низоми супорандагони андозҳои давлатӣ ва маҳаллӣ.<br>5. Шиносоӣ бо низоми андозсупорандагони азими ноҳия.<br>6. Шиносоӣ бо низоми супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз.<br>7. Шиносоӣ бо таркиби супорандагони андозҳо ва пардохтҳои давлатӣ.<br>8. Шиносоӣ бо банақшагирии даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ. | |
| | **Ҳамагӣ:** | **12 руз** |

**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАКУЛТАИ МЕНЕҶМЕНТ ВА ҲУҚУҚИ ИҚТИСОДӢ**

**КАФЕДРАИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ**

**НАМУНА**

**Замимаи 2.**

# ҲИСОБОТ

**дар бораи гузаштани таҷрибаомӯзии таълимӣ**

Донишҷӯи курси_______факултаи менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ, кафедраи менеҷменти молиявӣ, ихтисоси 1-25010410 –менеҷменти молиявӣ

_______________________________________

( ному насаби донишҷу)

Ҷои таҷрибаомӯзӣ_______________________________________

_______________________________________

Роҳбар аз донишкада_______________________________________

Роҳбар аз корхона_______________________________________

_______________________________________

(ному насаб, вазифа, маълумот)

Давраи гузаштани таҷрибаомӯзӣ__________________________

Рӯзҳои коркардашуда ________________

Рӯзҳои коркарданашуда ______________

Санаи супоридани ҳисобот______________

Санаи ҳимояи ҳисобот______________

Баҳои таҷрибаомӯзӣ бо қарори комиссия дар назди кафедра:

_______________________________________________________________

**Душанбе- 2022**

**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**КАФЕДРАИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ**

# БАРНОМАИ
## гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои 1-25010410-менеҷменти молиявӣ ва 1-26010303-идоракунии молияи давлатӣ

**(Дастури методӣ)**




Душанбе – 2021

Муаллифон: н.и.и., дотсент  Мирзоева Е. Ш., м.к. Амиров М. С.

Барномаи гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ барои ихтисосҳои 1-25010410-менеҷменти молиявӣ ва 1-26010303-идоракунии молияи давлатӣ  (Дастури методӣ) бо қарори ҷаласаи Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон №3/3. аз 26.10.2021 ба нашр тавсия дода шудааст.

Муқарризон:
Давлатов Х. М. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ДДМИТ
Содиқов Р.Х.– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ДТТ.

Дар дастури методӣ барномаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ маҷмӯи масъалаҳои фаъолияти таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар шакли назариявию амалӣ баррасӣ карда шудаанд. Дар барнома тарз ва воситаи гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ шакл ва намудҳои муосири он дарҷ гардида, тартиби ташкил ва рушди фаъолияти таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, махсусиятҳои он, хоса барои донишҷӯёни соҳаҳои иқтисодӣ ва идоракунӣ баррасӣ шудаанд.

## МУНДАРИҶА

Муқаддима……………………………………………………………………..3
1.Мақсад, вазифа ва ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ……………..…….9
2.Маълумоти мухтасар доир ба фаъолияти мақомоти молия……………13
3.Маълумоти мухтасар доир ба фаъолияти шӯъбаи буҷети давлатӣ ва аудит…………………………………………………………………………..14
4.Ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар ҷойҳои корӣ…………………15
5.Роҳбарии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ………………………………..….18
6.Кори аз ҷониби донишҷӯ мустақилона иҷрошаванда…………………19
7.Мураттаб намудан ва ҳимояи ҳисобот…………………………..….20
8.Ҷамъбасткунии маводҳо ва тайёркунии ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ..........................................................................................22
Замимаи 1...........................................................................................25
Замимаи 2...........................................................................................26

# Муқаддима

Мақсади асосии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ - мукаммал гардонидани донишҳои назариявии андӯхта бо амалия, баланд бардоштани сатҳи қобилияти касбӣ, сайқал додани малака, маҳорат ва истеъдоди касбӣ, татбиқи ҳадафнок ва пурраи он барои алоқаманд намудани донишҳои назариявӣ бо амалия мебошад.

Таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯёни ихтисосҳои 1-26010303-идоракунии молияи давлатӣ ва 1-25010410-менеҷменти молиявӣ қисмати муҳими тайёркунии мутахассисони баландихтисос мебошад ва дар мақомотҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

Таҷрибаи истеҳсолии донишҷӯён бо мақсади мукаммалгардонии донишҳои назариявии дар раванди таълим дар донишгоҳ азбарнамудаи донишҷӯён, дар асоси омӯзиши амалияи фаъолияти молиявӣ дар сохторҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таҷрибаомӯзӣ масъулият ва муносибатҳои шахсии таҷрибаомӯзро нисбат ба кор ва касби интихобкардааш мустаҳкам мегардонад.

Таҷрибаомӯзӣ малакаи касбӣ, маҳорати пешбурдаи мустақилонаи фаъолияти ҷамъиятиву истеҳсолӣ, иҷтимоиву сиёсӣ, илмию озмоишӣ ва техникию технологии донишҷӯро ташаккул медиҳад. Таҷрибаомӯзӣ ҳавасмандии масъулияти донишҷӯро зиёд намуда, муносибати ӯро нисбат ба касби интихобкардааш қавӣ мегардонад.

Барои таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ тибқи шартнома ба муассисае фиристода мешавад, ки ба касби интихобкардааш мутобиқат менамояд. Ба таҷрибаомӯзӣ донишҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки қисми назариявии нақшаи таълимиро пурра аз худ намудаанд.

Пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ аз кафедра бояд маводҳои зеринро гирад:

а) барномаи таҷрибаомӯзӣ;

б) рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ;

в) роҳхат;

г) супоришҳои фардӣ оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ.

Барои ба таҷрибаомӯзӣ беҳтар омода шудан донишҷӯён бояд бо барнома ва мундариҷаю мазмуни корҳои дарпешистода шинос шуда, адабиёту дастурҳои тавсияшударо дастрас намуда, ба таҷрибаомӯзӣ омода гарданд. Аз роҳбари таҷрибаомӯзии кафедраи менеҷменти молиявӣ доир ба муассисаи таҷрибаомӯзӣ маълумотро оид ба усули кор маслиҳат гиранд.

Барномаи таҷрибаомӯзӣ бо мақомотҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудаанд, ки дар он масъалаҳои зерин инъикос ёфтаанд:

- тавсифи умумии мақомоти молия ва дигар ташкилотҳои он, мақсад ва вазифаҳои онҳо, сохтори идоракунӣ, алоқаи тарафайни сохторҳои молиявӣ;
- ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва қарорҳое, ки фаъолияти сохтори молиявиро ба тартиб медароранд;
- ба ҳайат, таркиб ва функсияҳои раёсати молиявие, ки донишҷӯ дар он ҷо таҷриба меомӯзад;
- ташкили фаъолияти молиявии шӯъбаи дурнамои даромадҳои давлатӣ ва андозҳо;
- банақшагирӣ ваояндабинии даромадҳои буҷет;
- хусусиятҳои андозбандӣ;
- ташкили фаъолияти шӯъбаи буҷетӣ;
- банақшагирӣ ваояндабинии хароҷотҳои буҷетӣ;
- ташкили фаъолияти шӯъбаи хазинадорӣ;
- захираҳои баланд бардоштани устувории молиявии сохторҳои молиявӣ.

Роҳбари умумии таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён аз тарафи мудири таҷрибаомӯзии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Ҷавобгарии ташкилкунӣ ва

гузаронидани таҷрибаи истеҳсолӣ дар кафедра ба дӯши мудири кафедра, декани факулта ва мудири таҷрибаомӯзии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон вогузор мегардад.

Роҳбарии таълимӣ–методии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ аз тарафи кафедраи менеҷменти молиявӣ бо роҳи таъйиннамоии роҳбар аз миёни устодони собиқаи бештардоштаи кафедра амалӣ мешавад. Салоҳияти ташкилии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар мақомотҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дӯши роҳбарони онҳо ва шахсони мутасаддӣ вогузор мегардад ва онҳо вазифадоранд:

а) дар рӯзи ҳозир шудани донишҷӯ ба таҷрибаомӯзӣ ба мақомоти молия роҳбарияти он бо интернет ба донишгоҳ "хабарнома" равон кунад;

б) роҳбари мақомоти молия ба донишҷӯи ба таҷрибаомӯзӣ ҳозиршуда аз шӯъбаҳои молия роҳбарони бевосита таъйин намуда, дар асоси нақша-графики таҷрибаомӯзии устодони кафедра таҳиянамуда, гузаронидани тачрибаомӯзиро назорат менамоянд;

в) донишҷӯёни таҷрибаомӯзро бо роҳбарони бевоситаи таҷрибаомӯзиашон ва шаклҳои фаъолияти амалии дар барнома ва графики таҷрибаомӯзӣ нишондодашуда шинос намуда, баргузории таҷрибаомӯзиро дар шӯъбаҳои молия ва корхонаву ташкилотҳои шаҳр ва ноҳия таъмин намоянд;

г) донишҷӯёнро ба корҳои таҳқиқотӣ ва ҷамъиятии шӯъбаҳои молия, корхонаву ташкилотҳои шаҳру ноҳия нисбат ба банақшагирии хароҷотҳои буҷетӣ, самаранокии онҳо ва сармоягузориҳои он ҷалб намоянд;

д) донишҷӯёни ба таҷрибаомӯзӣ ҳозиршударо ба табели ҳисобгирии дар шӯъбаҳои молия ҷойдошта дохил намудан ва бо ин васила баланд бардоштани масъулияти донишҷӯи таҷрибаомӯз;

е) аз ҷониби роҳбарони шӯъбаҳои молия, ки роҳбарии таҷрибаомӯзӣ ба зиммаи онҳо вогузор гардидааст, сабти ҳаррӯзаи корҳои дар барномаи таҷрибаомӯзӣ нишондодашуда ва вазифаҳои ба

донишҷӯён супоридашуда дар мӯҳлат ва рӯзҳои дар тақвими тачрибаомӯзӣ нишон додашуда;

ж) бурдани назорати риояи тартибу интизоми меҳнат ва низоми кори истеҳсолии донишҷӯёни ба тачрибаомӯзӣ омада;

з) тафтиши доимии сифати корҳои амалии аз тарафи донишҷӯён анҷомдодашуда ва ҳисоботҳои таҳиянамудаи онҳо дар асоси барномаи тачрибаомӯзӣ;

и) бо баохиррасии мӯҳлати тачрибаомӯзӣ, ба ҳисоботи тачрибаомӯзии донишҷӯён додани тақризи хаттӣ, тавсифнома ҳамчун ба мутахассиси ҷавон ва баҳои мушаххас ба ҳисоботи онҳо омоданамуда.

**Донишҷӯёни ба тачрибаомӯзии истеҳсолӣ баромада ӯҳдадор ҳастанд:**

а) ҳамаи вазифаҳои дар барнома ва графики тачрибаомӯзӣ пешбинишударо иҷро намоянд;

б) ҳамаи иттилооти иқтисодию молиявӣ ва маводҳои зарурии амалиро барои навиштани ҳисобот ҷамъоварӣ намоянд;

в) тартиботи дохилии мақомотҳои молия ва корхонаҳои шаҳру ноҳияҳоро риоя намоянд;

г) роҳбарони тачрибаомӯзӣ ба фаъолияти амалӣ, омодашавии донишҷӯёни ба тачрибаомӯзӣ ҳозиршуда ва корҳои амалию натиҷаноки онҳо дар мақомотҳои молиявӣ ҷавобгар мебошанд;

д) рӯзномаро мувофиқи нақша-графики таҳиягардида ва мавзӯъҳои дар он нишон додашуда пур кунанд;

е) дар рӯзнома доир ба хислати кори дар тачрибаомӯзӣ иҷрошуда дар давоми рӯз сабтҳоро анҷом диҳанд ва дар давоми рӯзи корӣ ҳисоботро оид ба амалҳои анҷомдодааш таҳия намоянд ва барои тафтиш ба роҳбари тачрибаомӯзӣ пешниҳод кунанд, ба ғайр аз ин мувофиқи нақша дар давоми ҳафта як маротиба бо роҳбари худ аз донишгоҳ вохӯранд;

ж) ҳисоботи солона ва семоҳаи ташкилотҳои молиявӣ ва сметаи онҳоро пур кунанд, алоқаҳои нишондиҳандаҳои ҳисоботҳоро тафтиш

кунанд ва дигар маводҳоро мувофиқи нишондоди кафедра ҷамъоварӣ намоянд;

з) дар вақти ба охир расидани таҷрибаомӯзӣ мувофиқи тақвими таҷрибаомӯзӣ ҳисоботи хаттӣ пешниҳод намуда, онро ҳимоя кунанд.

Донишҷӯёни барномаи таҷрибаомӯзиро иҷронакарда ва ё аз ҷои таҷрибаомӯзӣ тақризи манфӣ гирифта ва онҳое, ки ҳангоми ҳимояи ҳисобот баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд, дар вақти таътил аз ҳисоби худашон аз нав ба таҷрибаомӯзӣ равона карда мешаванд, ё аз донишгоҳ хориҷ карда мешаванд.

Нисбат ба донишҷӯёни қоидаҳои низоми дохили сохториро вайроннамуда, аз тарафи роҳбарони муассисаву ташкилотҳои молиявӣ огоҳӣ дода мешавад ва ё ҷазодиҳӣ карда мешаванд ва ба ғайр аз ин ба ректори донишгоҳ оид ба қоидавайронкунии донишҷӯи таҷрибаомӯз ҳабар дода мешавад, ки масъалаи минбаъда дар донишгоҳ мондан ё аз донишгоҳ ҳориҷ намудани донишҷӯ дида баромада мешавад.

Ба донишҷӯёне, ки дар муддати таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ба ҷои корӣ таъмин карда шудаанд ва музди меҳнат мегиранд, идрорпулиашон низ дода мешавад. Ба донишҷӯёне, ки дар давраи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар вазифаҳои музддор ба кор тайъин карда шудаанд, мувофиқи меъёрҳои муқарраршуда музди меҳнат дода мешавад. Ба донишҷӯёни ба кор таъйин кардашуда, дафтарчаҳои меҳнатӣ кушода мешаванд ва дар онҳо сабтҳои лозима гузаронида мешаванд.

## 1.Мақсад, вазифа ва ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ

Вазифаи таҷрибаомӯзӣ аз мукаммал гардонидани донишҳои назариявие, ки донишҷӯён дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба ихтисосҳои 1-26010303-идоракунии молияи давлатӣ ва 1-25010410-менеҷменти молиявӣ гирифтанд иборат буда, бо ин мақсад донишҷӯ дар давраи таҷрибаомӯзӣ вобаста ба касби интихобкардааш дар ташкилоту муассисаҳои буҷетии дар ихтиёри раёсати молия буда ва корхонаву ташкилотҳо оид ба ташкил, тақсим ва идоракунии самаранок захираҳои молиявии буҷетӣ ва истеҳсолотиро меомӯзад.

Самаранокии таҷрибаомӯзӣ дар мақомотҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шароити корӣ дар сохторҳои молиявӣ ва ҳолати молиявии соҳибкориҳо ва истеҳсолоти он вобаста мебошад. Донишҷӯи таҷрибаомӯз дар асоси рӯзнома ва тақвими таҷрибагузарӣ ба фаъолияти амалии молиявӣ машғул мегардад. Бо ин мақсад ҳар як таҷрибаомӯз бояд табели истифодабарии вақти корӣ барои худ тартиб диҳад ва бо ҳуҷҷатҳои асосноккунанда ҷои холиашро пур кунад.

Дар табели истифодабарии вақти корӣ миқдори соатҳои ҳақиқии коркардашуда нишон дода шавад. Донишҷӯ-таҷрибаомӯз набояд аз барномаи таҷрибаомӯзӣ берун барояд, маълумотҳои ғайрикасбиро мадҳи назар кунад ва ба дигар корҳои бо таҷрибаомӯзӣ дахлнадошта машғул нагардад. Барномаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ бо назардошти натиҷаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ дар курсҳои 1-ум гузашташуда тартиб дода шудааст.

Роҳбари таҷрибаомӯзии аз тарафи донишгоҳ таъйиншуда ӯҳдадор аст:

а) дар мувофиқат бо барномаи таҷрибаомӯзӣ ва шартҳои мушаххаси гузаштани он, дар мақомотҳои молиявӣ дар мӯҳлати 3-рӯзи баъд аз омадани донишҷӯ ба таҷрибаомӯзӣ, нақша-графики инфиродии таҷрибаомӯзии ҳар як донишҷӯро муайян намуда, таъйин кардани роҳбари таҷрибаомӯзиро дар ҷои таҷрибаомӯзӣ муайян кунад.

б) аз болои донишҷӯёни дар шаҳр ва берун аз шаҳри Душанбе ба таҷрибаомӯзӣ ҳозиршуда назорат бурда, нусхаи нақшаҳои тақвимию кории онҳоро бо мавзӯъҳои таълимии кафедра алоқамандро тафтиш намояд ва доир ба онҳо хулосаҳои ҳудро иброз дорад.

в) доир ба муаммоҳои таҷрибаомӯзӣ ва баргузории он дар мақомотҳои молия бо донишҷӯён машварат барпо созанд, ҳангоми гузариши таҷрибаи истеҳсолии берун аз шаҳри Душанбе бо донишҷӯён алоқаи интернетӣ ва хаттӣ барқарор намоянд ва ба ҷойҳои таҷрибаомӯзии онҳо барои тафтиш ҳозир шаванд ва ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар шаҳри Душанбе ба манбаъҳои таҷрибавӣ раванд ва бо донишҷӯён дар донишгоҳ вохӯрӣ баргузор намоянд.

Новобаста аз миқдори ташрифовариҳои баргузорнамуда ба ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ бо донишҷӯёне, ки таҷрибаомӯзиро дар шаҳри Душанбе мегузаронанд, мувофиқи ҷадвали дар кафедра таҳияшуда ҳафтае як маротиба бо онҳо вохӯрии ҳатмӣ доир намоянд. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра бо ҳар як донишҷӯи таҷрибаомӯзи ихтисосҳои 1-26010303-идоракунии молияи давлатӣ ва 1-25010410-менеҷменти молиявӣ нисбат ба маводҳои ҷамъоварӣ ва ҳисобот сӯҳбатҳо мерояд ва дар ҳолатҳои зарурӣ онҳоро шарҳу эзоҳ медиҳад. Ҳар як вохӯрӣ бо донишҷӯи таҷрибаомӯз дар рӯзномаи ӯ бо имзои роҳбар қайд карда мешавад;

г) устод аз кафедра машваратҳои методиро бо таҷрибаомӯзону роҳбарони онҳо дар мақомотҳои молия доир намояд.

д) сатҳи азхудкунии амалияи молиявии донишҷӯёнро муайян намуда, сатҳу сифати иҷроиши нақшаҳои тақвимии мавзӯъҳои таҷрибаомӯзиро назорат баранд.

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз мақомоти молия аз ҷониби раёсати молия таъйин карда мешавад. Ба ғайр аз роҳбари умумӣ аз кафедра ба донишҷӯ дар сохторҳои алоҳидаи мақомоти молия бо фармони роҳбари раёсати молия роҳбар аз сохтори бахши молиявӣ таъин карда мешавад.

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз сардорони шӯъбаҳои алоҳидаи дар мақомоти молия ҷойдошта (бахши сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ,

шиносой бо фаъолияти кори амалии шӯъбаи буҷет, шӯъбаи хазинадорӣ, шӯъбаи аудит) роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзиро ба роҳ мемонад. Роҳбари таҷрибаомӯзии шӯъба ӯҳдадор аст:

А) фаъолияти ҳаррӯзаи донишҷӯёнро нисбати анҷомдиҳии корҳои амалии молиявӣ дар шӯъба таъмин намояд, ба онҳо дар асоси дастурамалҳои амалкунанда ва тағйироту иловаҳои ба онҳо воридкардашуда шарҳу эзоҳ диҳад, иҷроиши саривақтии корҳои амалии супоридашуда ва сифати онҳоро тафтиш намуда, ба талабот мувофиқ кардани онҳоро талаб намояд.

Б) мувофиқатии сабтҳои дар рӯзнома ҷойдодашударо бо навиштаҷоти тақвими таҷрибаомӯзӣ ва корҳои амалии дар ҳақиқат анҷомдодаи донишҷӯёнро тафтиш намояд ва дар ҳамин асос дар рӯзнома қайдҳо гузаронад ва ҳисоботи донишҷӯёни таҷрибаомӯзро назорат барад.

В) ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра роҳбари умумӣ аз мақомоти молия оиди сатҳу сифат ва омодашавии касбии донишҷӯи таҷрибаомӯз маълумот диҳад, иштироки донишҷӯро ва самаранокии фаъолияти онро дар корҳои ҷамъиятӣ назорат барад.

Дар ҳисоботи таҷрибаомӯзии донишҷӯ масъалаҳои ташкили банақшагирии даромадҳои буҷетӣ вобаста ба сатҳи афзоиши маҷмӯи маҳсулоти миллӣ дар алоқа бо намудҳои андоз бояд ҷой дошта бошад. Ҳамзамон банақшагирии талаботи муассисаҳои буҷетӣ оид ба маблағҳои буҷетӣ ва ба маблағгузории буҷетӣ тарзу усули кори хазинадорӣ дар ноҳияҳо, тарзу усули фаъолияти алоқаи ягонаи интернетӣ ва самаранокии он дар сохтори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тарзу усули анҷомдиҳии назорати молиявӣ нисбати самаранок истифодабарии захираҳои молиявӣ дар ташкилотҳои молиявӣ дар ҳисобот дарҷ бояд ёбанд. Ҷобаҷогузории мантиқии мавзӯҳои дар амалияи таҷрибаомӯзӣ аз худ кардашаванда, усулҳои иҷроиш ва алоқаи мутақобилаи амалиётҳои молиявии анҷомдодашуда бояд бо ҷадвалҳо, расмҳо ва ҳуҷҷатҳо тасвир карда шаванд.

Дар барономаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷанбаъҳои муҳими гузариш ба иқтисоди бозорӣ пешниҳоди омӯзиши ҳамаҷонибаи таҷрибаи пешқадами дохилӣ ва хориҷӣ, ки ҷараёни сифатноки истифодаи онро дар инкишофи иқтисодию иҷтимоии мамлакат таъмин намояд.

Дуруст ба роҳ мондани ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар муассисаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ яке аз самтҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Ҳадафи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ аз худ намудани дониши амалӣ, навоваронаи мустақилонаи корӣ дар ҷодаи муассисаҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва дар самти муносибатҳои пулию қарзӣ ва ҳамчунин мустаҳкамсозии дониши назариявии дар давоми таълим мебошад. Дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ алоқамандии назария ва амалия бо фанҳои омӯзондашаванда: идоракунии молияи давлатӣ, менеҷменти молиявӣ, идоракунии хавфҳои молиявӣ, амалиётҳо дар бозори молиявӣ, ҳуҷҷатгӯзории молиявӣ, идоракунии хариди давлатӣ, назорати давлатии молиявӣ ва идораи он, лизинг, низоми буҷетӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ғайра.

Вазифаи асосии донишҷӯён азхудкунии бахшҳои фаъолияти муассисаҳои истеҳсолӣ, Раёсати молия, корхонаҳо ва ташкилотҳо азхудкунии навигариҳо дар асоси донишҳои дар донишгоҳ ноилгаштаи донишҷӯён мебошад.

Таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯёни ихтисосҳои 1-26010303-идоракунии молияи давлатӣ ва 1-25010410-менеҷменти молиявӣ барои донишҷӯни таҳсили рӯзона ва ғоибона дар асоси нақшаи таълимӣ муқаррар карда шудааст. Дар давраи таҷрибаомӯзи донишҷӯён ба корҳои ташкилии самтҳои гуногуни сохтори истеҳсолӣ ва Раёсати давлатӣ шинос мешаванд.

Аз рӯзи ҳозиршавии донишҷӯён дар ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ бо фармони роҳбари ташкилот ё муассисаҳо роҳбари таҷрибаомӯзон аз ҳисоби мутахассисон таъин карда мешаванд, ки он дар асоси барномаи

тақвимӣ нақшаи гузаронидани таҷрибаомӯзиро мураттаб месозад ва роҳбариро оид ба пурра ва сифатнок гузаронидани таҷрибаомӯзӣ амалӣ менамояд.

Таҷрибаомӯзӣ дар ҷойҳои корӣ бояд чунин сурат гирад, ки донишҷӯёни таҷрибаомӯз дар ибтидо таҳти роҳбарии кормандони маъсули муассиса ва мақомотҳои дахлдор, мустақиман бо нозирон, иқтисодчиён ва ходимони муҳосибот корро давом диҳанд

Донишҷӯёни таҷрибаомӯзе, ки таҷрибаи кофӣ доранд, аз рӯи ихтисос метавонанд дар якҷоягӣ бо нозирон, иқтисодчиён ва муҳосибон кор ва фаъолият намоянд. Дар рафти таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён инчунин бо ҷамъкунии маводҳо барои навиштани ҳисобот низ машғул мешаванд.

## 2.Маълумоти мухтасар доир ба фаъолияти мақомоти молия

Дар ин қисмат донишҷӯ бояд маълумотҳои зеринро сабт намояд:

-сохтори ташкилии раёсати молия (коркарди нишондиҳандаҳои асосӣ оид ба банақшагирии даромадҳои андозӣ, боҷу хироҷи воридшаванда, маблағҳои ғайридавлатигардонии амволи давлатӣ, дотатсияҳои буҷетӣ ва дигар воридотҳо) ташкилдиҳии пардохтҳои даромадҳои буҷет ва баҳисобгирии онҳо. Инчунин пешниҳоди ҳисоботҳо оид ба сатҳи ҷамъоварии даромадҳои буҷетӣ, тағйироту иловаҳои ба буҷет ва ҷараёни иҷроиши он воридгардида, аз худ кардани амалияи низоми ягонаи алоқаҳои электронӣ ва интиқоли ҳисоботҳо ба сохторҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Пур кардани ҳуҷҷатҳои шӯъбаи хазинадорӣ оид ба интиқоли маблағҳо, ба истифодабарандагон дар асоси ҳуҷҷатҳои аз буҷет ба хазинадорӣ пешниҳодшуда, таҳияи ҳисоботи хазинадорӣ оид ба фаъолияти он, хусусияти ташкил ва технологияи раванди алоқаи ягонаи электронӣ байни бахшҳои молия ва алоқаи раёсати молия бо дигар сохторҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Иҷроиш, нишондиҳандаҳои нақшавӣ, сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ, маълумот доир ба шӯъбаи сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ, сатҳ ва самаранокии

низоми ягонаи алоқаҳои электронӣ дар сохтори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 3.Маълумоти мухтасар доир ба фаъолияти шӯъбаи буҷети давлатӣ ва аудит

Дар ин қисмат масъалаҳои муҳими ташкили маблағҳои буҷетӣ ва сарчашмаҳои асосии онҳо, вобаста ба талаботи ташкилотҳои аз буҷет маблағгузоришаванда, муайян кардани ҳаҷми маблағҳои аз буҷет ба маблағгузории соҳаҳои иқтисодиёт (соҳаҳои истеҳсоли неъматҳои моддӣ, сектори ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мудофиа, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, маориф, нигоҳдории тандурустӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ) ҷудокардашаванда, таҳия кардани нақшаи воридоти маблағҳо ба буҷет ва банақшагирии хароҷоти он маблағҳо дар ташкилотҳои буҷетӣ ҷой доранд Дар сметаи ташкилотҳои буҷетӣ модда ба модда ба нақша гирифтани хароҷотҳои ташкилотҳои буҷетӣ нишондода мешаавад. Дар он пешбинӣ кардани маблағҳои аз буҷет ҷудокардашаванда ва маблағҳои ғайрибуҷетии муассисаҳои буҷетӣ нишон дода мешавад.

Пур кардани ҳуҷҷатҳои молиявии (банақшагирии талаботҳо ба захираҳои молиявӣ) ташкилотҳои буҷетӣ ва нишон додани ҳаҷми маблағҳои аз буҷет мувофиқи меъёрҳои сарикасӣ ҷудокардашаванда ва маблағҳои ғайрибуҷетии муассисаҳои буҷетӣ (мактаб, табобатхонаҳо ва ғайра). Пешниҳоди нақшаи таҳияшуда ба тақсимкунандаи аввалини захираҳои молиявӣ (роҳбарияти ноҳия) ва дигар тақсимкунандагон (шӯъбаи маорифу тандурустӣ). Таҳияи нақшаи умумии хароҷотҳои буҷетӣ дар мақомоти молия.

Мураттабсозии ҳисоботҳо оид ба иҷроиши буҷет. Иштирок дар банизомандозии ҳуҷҷатгузории дар раёсати молия ҷойдошта ва дар ҳамин асос таҳия кардани ҳисоботҳо ва пешниҳоди онҳо ба раёсатҳои болоии молиявӣ ва ҳисоботҳои таҷрибаомӯзӣ. Дар асоси таҳлили ҳисоботи иҷроиши буҷети маҳал пешниҳод кардани таклифу пешниҳодҳо оид ба самаранок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ.

## 4.Ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар ҷойҳои корӣ

Ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар муассисаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ донишҷӯи таҷрибаомӯз бояд бо усули кори корхонаҳои дахлдор таваҷҷӯҳ намояд ва асноди меъёрию ҳуқуқии соҳаи низоми молияву буҷҷетро аз худ намояд.

Вобаста ба ин дар мақомоти молия:

*Дар шӯъбаи банақшагирии иқтисодӣ, пардохтҳо ва технологияи иттилоотӣ.*

Вазифаи асосии функсионалии ин шӯъба аз он иборат аст, ки чорабиниҳои ибтидои оиди гузаронидани баҳисобгирии истеҳсолӣ, сохтани ҳисоботҳо, тартиби гузаронидани варақаҳои ҳисоббаробаркуни, баҳисобгирии маблағҳои ҳисобкардашудаи истеҳсолӣ, баҳисобгирии пардохтҳои воридшуда, баҳисобгирии озмоишҳо, бар гардонидани онҳо ва ҳамарӯза молҳои истеҳсолшуда, баргардонидашуда, бақияи қарзи кредиторӣ аз соли гузашта ба соли оянда гузаронида ва аз иҷроиши нақшаи молиявӣ, ки қисми зиёди даромадҳои корхонаро ташкил медиҳад ҳамарӯза ба сардори муҳосибот ҳисобот медиҳад.

*Омӯзиши кори шӯъбаи хизматрасонӣ ва молиякситони аз шахсони ҳуқуқӣ.*

Вазифаи функсионалии ин шӯъба аз он иборат аст, ки аз болои шахсони ҳуқуқӣ яъне корхонаҳо ташкилотҳо, муассисаҳо, бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ доири иҷрои ӯҳдадориҳои молия назорат мебаранд. Қабул намудани ҳисоботҳое, ки шахсони ҳуқуқи вобаста аз самти фаъолияташон пешниҳод менамоянд. Дар ҳолате, ки шахси ҳуқуқи қонунгузории молияро вайрон мекунад аз рӯи чунин шахсон тартиб додани санадҳо ва ситонидани ҷаримаҳо ва пеняҳо оиди ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гузаронида мешавад. Тартиби бақайдгирии шахсони ҳуқуқи дар Раёсати молиява назорат аз болои чунин шахсон ва ҳисобот додан ба мақомотҳои болои оиди фаъолияти шахсони ҳуқуқи ва қаът гаштан ё барҳам додани шахсони ҳуқуқӣ.

*Омӯзиши кори шӯъбаи хизматрасонӣ ва молиякситони аз шахсони воқеӣ.*

Вазифаи функсионалии ин шӯъба ин ҷамъоварӣ маблағҳои молияи амволи ғайриманқул ва молияи замини наздиҳавлигии шахсони воқеи, тартиби додани рақами мушаххаси молиясупоранда ва қабул намудани эъломияи молияи даромад аз шахсони воқеи (хизматчиёни давлатӣ), ки дар соҳаи гуногуни мақомотҳои қудрати кор мекунанд иборат мебошад. Барӯйхатгирии амволи шаҳрвандон (инвентаризация) оиди муайян намудани заминаи молия аз амволи ғайриманқули шаҳрвандон. Тартиби мураттаб ва пешниҳод намудани ҳисобот ба мақомотҳои болои оиди молияи даромад аз шахсони воқеи, молияи амволи ғайриманқул ва молияи замини наздиҳавлигии шахсони воқеи. Тартиб додани огоҳномаҳо оиди хабардор намудани молиясупорандаҳо доири иҷрои ӯҳдадории молия.

*Омӯзиши кори шӯъбаи хизматрасонӣ ва молияситонӣ аз соҳибкорони инфиродӣ.*

Вазифаи функсионалии шӯъбаи хизматрасонӣ ва молияситонӣ аз соҳибкорони инфиродӣ аз он иборат аст, ки дар ин шӯъба асосан бақайдгирии соҳибкорони инфиродие, ки ба фаъолияти соҳибкори машғуланд ва назорат аз болои чунин соҳибкорон, гузаронидани санҷишоҳои камерали ва хронометражи ва қабул намудани ҳисоботҳои молияе, ки соҳибкори инфироди тартиб додаст ва эъломия пешниҳод кардааст.

Дар ҳолате, ки соҳибкори инфиродӣ қонунгузории молияро вайрон мекунад аз рӯи чунин шахсон тартиб додани санадҳо ва ситонидани ҷаримаҳо ва пеняҳо оиди ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гузаронида мешавад. Тайёр кардани ҳисоботҳо ва ба мақомотҳои болои ҳисобот додан оиди соҳибкороне,ки ба фаъолияти соҳибкори машғуланд ва ё фаъолияти соҳибкории худро қатъ гардонидаанд.

Иҷро намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсатҳо дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ва сардори Раёсати молияи ноҳия ва ғайраҳо.

*Омӯзиши кори бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқи ва соҳибкорони инфиродӣ.*

Вазифаи ин бахш аз он иборат аст, ки ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки дар қайди Раёсати молия ҳастанд онҳоро аз сари нав яъне азнавбақайдгири (перерегистрация) гузаронида мешавад.

Ин бахш асосан тамоми шахсони ҳуқуқи ва соҳибкорони инфиродиро бақайд гирифта ба онҳо ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда медиҳад ба монанди (Шаҳодатнома, патент ), ки онҳо дар қайди Раёсати молия мебошанд. Ин бахши бақайдгири бо принсипи «Равзвнаи ягона» ташкил карда шудааст. Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳамаи молия супорандаҳоро ба қайд гирифта ба мақомотҳои болои яъне ба раёсати молияи вилоятҳо ва кумитаи молияӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот оиди аз қайди раёсати молия гузаштан маълумот пешниҳод менамоянд.

## 5.Роҳбарии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ

Роҳбари таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ аз ҳисоби устодон – мутахассиси касбии кафедраи менеҷменти молиявӣ таъин карда мешавад. Назорати рафти ҷараёни таҷрибаомӯзӣ аз тарафи роҳбар амалӣ мешавад ва дар давраи таҷрибаомӯзӣ роҳбар ба ташкилотҳо ва муассисаҳое, ки донишҷӯён таҷрибаомӯзӣ мегузаранд, аз рафти он хабардор мешавад. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ метавонад донишҷӯёнро рӯзҳои шанбеи ҳар ҳафта оид ба масъалаҳои омода намудани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ба кафедра даъват намояд.

**Роҳбари тачрибаомӯзии аз донишгоҳ интихобгардида ӯҳдадор аст:**

- донишҷӯён-таҷрибаомӯзонро бо объекти таҷрибаомӯзӣ шинос кунад;
- бо донишҷӯён оиди тартиби кори сохтори молиявӣ ва мӯҳлати таҷрибаомӯзӣ сӯҳбатҳо гузаронад;
- донишҷӯёнро бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ (рӯзнома, барномаи гузаштани таҷрибаомӯзӣ) шинос намуда, тартиби пур намудан ва истифода бурдани онҳоро фаҳмонад;

- ба донишҷӯён-таҷрибаомӯзон дар тартиб додани нақша-ҷадвал ва тақвими гузаштани таҷрибаомӯзӣ кӯмак расонад;
- аз рӯи имконият дар як ҳафта як маротиба ба объекти таҷрибаомӯзӣ рафта, бо донишҷӯён-таҷрибаомӯзон вохӯрда, ба онҳо ёрии назариявӣ ва амалӣ расонад.
- дар асоси иттилооти иқтисодию молиявии аз тарафи донишҷӯёни таҷрибаомӯз ҷамъоваришуда ба навиштани корҳои хатмкунӣ мусоидат намояд.

**Роҳбар аз объекти таҷрибаомӯзӣ интихобгардида ӯҳдадор аст:**

- донишҳои амалиро оид ба фаъолият дар шӯъбаҳо ва раёсатҳои мақомоти молия ва тағйиру иловаҳои дар он бавуҷудомадаро ба донишҷӯи таҷрибаомӯз омӯзонад ва сатҳи тайёрии касбии онро ба талаботи стандартҳои байналхалқӣ ҷавобгӯй гардонад.
- дар мувофиқат бо роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра нақшаҷадвали инфиродии гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолиро тартиб диҳад;
- иҷрои нақша-ҷадвали инфиродии гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолиро ва бо маводҳои амалӣ пурра кардани ҳисоботро назорат кунад;
- донишҷӯ-таҷрибаомӯзро бо ҷои кор ва шароити гузаштани таҷрибаомӯзӣ таъмин намояд;
- бо донишҷӯён-таҷрибаомӯзон оиди техникаи бехатарӣ ва тартиби кор сӯҳбатҳо гузаронида, ҳамчунин супоришҳои яккарата диҳад;
- ҳисоботи пешниҳоднамудаи донишҷӯ-таҷрибаомӯзро тафтиш намуда, бо маводҳои амалӣ пурра будани онро муайян кунад ва дар ҳолати ҷой доштани камбудиҳо тарзу усули бартарафкунии онро ба донишҷӯ нишон диҳад.

## 6.Кори аз ҷониби донишҷӯ мустақилона иҷрошаванда

**Донишҷӯён ӯҳдоранд:**

Донишҷӯён дар давоми таҷрибаомӯзӣ ӯҳдадоранд, ки то ба таҷрибаомӯзӣ омадан дар якҷоягӣ бо роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра нақшаи гузаштани таҷрибаомӯзиро таҳия намоянд:

- дар мӯҳлати таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ пурра ба қоидаҳои дохилӣ ва реҷаи корӣ риоя карда, барои иҷрои корҳои амалии анҷомдодааш ҷавобгӯй аст;
- ҳангоми гузаштани таҷрибаомузи у дар кадом вазифаҳо кор кардааст (бо давраҳои алоҳида), кадом корҳои мушаххасро анҷом додаст;
- дар асоси ҳуҷҷатҳои оморӣ миқдори андозсупорандагон ва номгӯи андозҳои супоридашавандаро муайян карда, нақшаи воридоти андоз ва пардохтҳоро дар ноҳия таҳия намуда, дар асоси он нисбати корҳои хатмкунӣ иттилоот ҷамъ меоварад;
- ҳамаи супоришҳо ва нишондодҳои маъмурӣ ва илмию техникии роҳбари таҷрибаомӯзиро аз муассиса дар мӯҳлатҳои муайяншуда бо сифати баланд иҷро намояд;
- таҳқиқот, таҷриба ва мушоҳидаҳо гузаронида, барои ҳисобот мавод фароҳам оварад;
- дар рӯзнома мунтазам қайдҳо намуда, ҳисоботи таҷрибаомӯзиро сари вақт тартиб диҳад;
- дар муассиса интизоми намунавӣ дошта, тартиботи ҷориро қатъиян риоя намояд;
- дар корҳои ҷамъиятии муассиса фаъолона ширкат варзад.
- дар ҷои кор фаъолияти иқтисодӣ – молиявиро мустақилона анҷом диҳад, вазифаҳои супоридашударо мувофиқи барномаи таҷрибаомӯзӣ иҷро кунад, мустақилона ё бо роҳбарии роҳбари таҷрибаомӯзӣ корҳои таҳлилиро анҷом диҳад ва дар ҳамин асос барои худ таҷрибаи амалии корӣ ҷамъ оварад ва таклифу пешниҳодҳои самаранокро ба соҳибкорҳо ва фаъолияти раёсати молия пешниҳод кунад, дар кадом шароит сурат гирифтани таҷрибаомӯзӣ ҳангоми иҷроиши вазифаҳои ба зиммаи ӯ гузошташуда, мушкилотҳои пешомадаро ба роҳбарияти раёсати молия иброз дорад.

Пас аз итмоми мӯҳлати таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ бояд ба кафедра рӯзнома ва ҳисоботро, ки роҳбари таҷрибаомӯзии муассиса тасдиқ намудааст, супорад.

Рӯзномаи таҷрибаомӯзиро шахсан пур намояд. Корҳои иҷрошуда ва натиҷаи озмоиши гузаронидашударо (на камтар аз як маротиба дар як ҳафта) навишта бо имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ тасдиқ намояд. Пас аз ба итмомрасии таҷрибаомӯзӣ аз ташкилотҳои ҷамъиятии муассиса тавсифнома ва аз роҳбари таҷрибаомӯзии муассиса роҷеъ ба маводу кораш тақриз гирад.

Донишҷӯи таҷрибаомӯз ҳисоботи таҷрибаомӯзиро мувофиқи нишондоди барномаи таҷрибаомӯзӣ ва супоришоти иловагии роҳбари таҷрибаомӯзии муассиса бояд тартиб диҳад. Сатҳи азхудкунии амалияро аз тарафи таҷрибаомӯз роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз раёсати молия баҳо диҳад ва ҳавасмандгардониҳоро нисбати касби интихобкардааш бедор кунад.

## 7.Мураттаб намудан ва ҳимояи ҳисобот

Баробари ба охир расидани таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ-таҷрибаомӯз аз маводҳои ҷамънамудааш доир ба муассисаи таҷрибаомӯзӣ ба кафедра ҳисобот пешниҳод менамояд. Ҳисоботи таҷрибаомӯз мувофиқи нақшаи тақвими таҷрибаомӯз омода мешавад.

Дар ҳисобот бояд ҳамаи ҳуҷҷатҳо оиди таҷрибаомӯзӣ бо тамоми маводҳо нишон дода шавад.

Ҳисобот аз се қисм: слайди баромад, матн ва замима иборат мебошад.

Қисми замима, нақша ва ҳуҷҷатҳои расмиро дар бар мегирад.

Дар интиҳои ҳисобот донишҷӯ имзои худ ва санаи ба кафедра пешниҳод намударо ҷой медиҳад.

Бо итмоми таҷрибаомӯзӣ мудири кафедраи «менеҷменти молиявӣ» комиссия созмон дода мешавад, ки донишҷӯён ҳисоботашонро дар ҳузури он ҳимоя мекунанд.

Донишҷӯёне, ки ҳисоботро пешиҳод намекунанд ва ё баҳои ғайриқаноатбахш мегиранд, ба имтиҳони давлатӣ роҳ дода намешавад. Дар ҳисобот масъалаҳои зерин бояд шарҳу тафсир ёбанд:

Маълумоти умумӣ оиди мақомоти молия, соҳибкориҳо, ташкилотҳои буҷетӣ ва шахсони воқеӣ оид ба андозсупориҳо, тартиб ва мӯҳлати андозсупориҳо оварда мешавад. Дар мувофиқа бо тақвими тасдиқшуда (корҳои амалӣ) кадом корҳои ҷамъиятӣ ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ аз тарафи донишҷӯ иҷро карда шудааст.

Донишҷӯ ӯҳдадор аст, ки дар назди роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз шӯъбаҳо ва раёсатҳои мақомоти молия оиди кори таҷрибаомӯзии иҷрокардааш баромад кунад. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз мақомоти молия вобаста ба сатҳи азхудкунии донишҳои амалии фаъолият ба таҷрибаомӯз баҳо диҳад, ки он дар тавсифномаи ба донишҷӯи таҷрибаомӯз пешниҳодшуда инъикос меёбад. Дар навбати худ таҷрибаомӯз низ бояд фикру мулоҳизаҳои худро доир ба ташкили таҷрибаомӯзӣ баён намояд.

Мақсад ва вазифаҳои кор;

- мундариҷа ва мазмуни корҳои асосии таҷрибаомӯзӣ ва хулосаҳои пешакӣ оиди натиҷаи онҳо;
- мазмуни мушаххас ва рафти иҷрои супоришоти фардӣ;
- маълумоти мушаххас оиди сафарҳои хизматӣ (агар онҳо ҷой дошта бошанд);
- қисми хотимавӣ, баҳои умумии натиҷаи таҷрибаомӯзӣ, тавсияҳои илмию техникӣ, пешниҳодоти таҷрибаомӯз оиди беҳтар намудани кори муассиса ва ғайра).

Ҳисобот то ҳадди имкон бо расмҳо, нақшаҳо, ҷадвалҳо, натиҷаҳои экспертӣ, схемаҳо, замимаҳо ҷиҳозонида шавад.

Баҳои натиҷаи таҷрибаомӯзӣ аз тарафи профессор ё дотсенти кафедра ва ё комиссияи оид ба тачрибаомӯзӣ таъсисдодаи кафедра (роҳбари таҷрибаомӯзӣ) аз рӯи низоми чорхолӣ (балл)-аъло, хуб, қаноатбахш, ғайриқаноатбахш гузошта мешавад. Бе пешниҳоди рӯзнома ва ҳисобот ба донишҷӯи таҷрибаомӯз баҳо гузошта намешавад.

Донишҷӯёне, ки қоидаҳои дохилии таҷрибаомӯзиро вайрон кардаанд ва барномаи таҷрибаомӯзиро иҷро накардаанд, онҳое ки оид ба таҷрибаомӯзӣ тақризи манфӣ доранд ва ё дар вақти муайяншуда ҳисобот пешниҳод накардаанд ва ё дар ҳимояи ҳисобот баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд аз курс ба курс гузаронида намешаванд ва аз ҳисоби худ дар давраи таълим такроран ба таҷрибаомӯзӣ равона карда мешаванд.

Мудири кафедра оид ба таҷрибаомӯзии донишҷӯён ба раёсати Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод мекунад. Номгӯи мавзӯъҳои тақвимӣ таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар замима пешниҳод шудааст.

## 8.Ҷамъбасткунии маводҳо ва тайёркунии ҳисобот оид ба тачрибаомӯзӣ

### Сохтори ҳисобот дар бораи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ

Хисобот бояд дар асоси тақвими баргузории таҷрибаомӯзии истеҳсолии дар мақомоти молияи ноҳия таҳияшудаю тасдиқкардашуда, ки ба талаботҳои барномаи аз кафедра пешниҳодшуда мувофиқат менамояд, бояд ҳамарӯза тартиб дода шавад.

Ҳисобот оиди таҷрибаомӯзӣ бояд аз сарсухан ва маводҳои аз тачрибаомӯзии дар чор шӯъбаи мақомоти молияи ноҳия баргузоргардида ва хулоса иборат бошад.

Дар сарсухан ҳадаф ва вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ, объекти таҷрибаомӯзиро муайян намуда, сохтори ҳисоботро тавсиф додан зарур мебошад.

Ҳангоми тартиб додани ҳисобот нисбати таҷрибаомӯзӣ дар шӯъбаҳои раёсати молияи ноҳия, ҳисоботи муфассал дар асоси мавзӯҳои дар нақшаи тақвимӣ нишон додашуда ва адабиёти касбӣ омодакардашуда бо нусхаи ҳуҷҷатҳои дар амалия истифодашуда пурра карда мешавад. Ҳисоботи пешниҳодшаванда фаъолияти амалиро дар чор шӯъбаи мақомоти молия бояд дар бар гирад, ки ба нақшаи тақвимӣ дар мувофиқат аст. Муайян намудани тақвими номгӯи мавзӯъҳо, шумораи саволҳо (қисмҳои)-и ҳисобот аз рӯи меъёри зерин амал карда

мешавад: қисмҳои алоҳида дар якҷоягӣ то чӣ андоза ҳамаи паҳлӯҳои фаъолияти объекти таҷрибаомӯзиро дар ҳоли ҳозир ва самтҳои имконпазири инкишофи онро дар оянда пурра кушода метавонанд. Дар ин ҳолат ҷамъбасти далелҳои воқеие, ки дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ ҷамъ оварда шуда буданд, муҳим аст.

Дар қисми хотимавӣ хулосаҳо аз таҷрибаомӯзӣ оварда шуда, натиҷаҳои ба даст овардашуда ҷамъбаст карда мешавад.

Ҳамчун қоида, дар ҳисоботҳо ҷадвал ва графикҳо оварда мешаванд, ки онҳо бояд рақамгузорӣ шуда, ҳамчунин шарҳ дода шаванд. Ҳисобот дар бораи таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби донишҷӯ бояд дар мӯҳлати муқарраршуда ба роҳбар супорида шаванд.

Ҳамроҳи ҳисобот тавсифнома аз роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объекти таҷрибаомӯзӣ, ки ҳатман имзо шудаву бо мӯҳр тасдиқ гардида бошад, пешниҳод карда мешавад. Ҳаҷми ҳисобот бояд на камтар аз 30-саҳифаи ҳуруфчинии компютерӣ буда, ба он таҷрибаомӯз, роҳбарони таҷрибаомӯз, роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва объекти таҷрибаомӯзӣ имзо гузоранд.

Донишҷӯе, ки таҷрибаомӯзиро нагузаштааст ва ё ҳангоми ҳимоя холи манфӣ гирифтааст аз курс ба курс ва ё ба имтиҳони давлатӣ роҳ дода намешавад ва мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати он раёсати донишгоҳ чорабинӣ пешниҳод менамояд.

Ҳисобот оиди иҷроиши барномаҳои таҷрибаомӯзӣ дар раванди гузаштани ҳар як мавзӯъ аз ҷониби донишҷӯ тартиб дода мешавад. Бо баохиррасии таҷрибаомӯзӣ ҳимояи ҳисоботҳо дар мақомоти молияи ноҳияи ҷои таҷрибаомӯзӣ дар назди комиссия дар ҳайати роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз раёсати молия ва донишгоҳ ташкил карда мешавад. Ҳангоми ҳимояи ҳисобот донишҷӯ бояд донишу малакаи худро доир ба фаъолияти амалии молия дар иқтисодиёт нишон диҳад.

Баъди тафтиши ҳисобот ва мувофиқати он ба талаботи мактаби олӣ роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра, рӯзи ҳимояи ҳисоботро таъйин

менамояд. Дар он рӯз донишҷӯ дар ҳузури комиссия ҳисоботи худро ҳимоя мекунад. Комиссия вобаста ба сатҳи дониши донишҷӯ дар вақти ҳимояи ҳисобот, ҳисоботи донишҷӯро муҳокима намуда баҳо мегузорад.

**ЗАМИМАИ 1.**

Номгӯи мавзӯъи тақвимии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ барои донишҷӯёни курси 3-юми факултаи менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ ихтисосҳои 1-26010303- идоракунии молияи давлатӣ ва 1-25010410-менеҷменти молиявӣ дар раёсатҳои молияи (ноҳиявию шаҳрӣ)

| № | МАВЗӮЪҲОИ АСОСИ ДАР ҶОИ КОРИ ТАҶРИБАОМӮЗ | ДАВОМНОКИИ РӮЗҲО |
|---|---|---|
| 1. | Шиносои бо иқтисодиёт ва сохтори корхона ва пешниҳодҳои асосии иҷтимоию- иқтисодии тараққиёт | 2 |
| 2. | Омӯзиши тартиби ҳисоби маблағи молияи даромад ва доштани он аз музди маоши коркунон аз рӯи китоби баҳисобгирии музди маош (шӯъбаи меҳнат ва музди кор муҳосиба) | 3 |
| 3. | Тартиб додан ва пешниҳоди ҳисобу китоби молияи замин ва молия аз амволи ғайриманқули корхонаҳо (шӯъбаи молиявию- иқтисодии корхона) | 3 |
| 4. | Тартиб додани ҳисобу китоби молия аз соҳибони воситаҳои нақлиёт (шӯъбаи молиявию- иқтисодии корхона) | 2 |
| 5. | Шиносои бо шаклу усулҳои пур намудани эъломияҳо ва пардохти молияи арзиши иловашуда(шӯъбаи молу ашёи муҳосибаи корхона) | 3 |
| 6. | Шиносои бо шакли тартибдиҳӣ ва пешниҳоди эъломияи молияи иҷтимоӣ ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ (шӯъбаи меҳнат ва музди кор муҳосиба) | 3 |
| 7. | Омӯзиши тартиби ҳисоб намудан ва пардохти молия аз фоидаи корхона (муҳосибаи корхона) | 2 |
| 8. | Омӯзиши огоҳиномаҳо оиди пардохти молияҳо, санадҳои тафтишоти молияи ва дигар ҳуҷатҳое,ки ба корхона аз тарафи Раёсати молия фиристода мешавад. | 1 |
| 9. | Омӯзиши ҳолати пардохти молияҳо аз тарафи корхона дар се соли охир аз рӯи ҳамаи намудҳои молияҳо. | 1 |
| 10 | Ҷамъоварии маводҳо барои навиштани ҳисобот ва пур намудани рӯзномаи таҷрибаомӯз | 1 |

**Замимаи 2.**

**Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**Факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ**

**Кафедраи менеҷменти молиявӣ**

**Ҳисобот**

**оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ**

**дар___________________________________**

**(ҷой гузаштани таҷрибаомӯзӣ)**

**Иҷро кард:**

**Донишҷӯи к.3-юми**

**Ихтисоси.....**

**................**

**Роҳбари илмӣ:............**

**Душанбе 2021**

**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАКУЛТАИ МЕНЕҶМЕНТ ВА ҲУҚУҚИ ИҚТИСОДӢ**

**КАФЕДРАИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ**

# БАРНОМАИ
## гузаронидани таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои 1-25010410-менеҷменти молиявӣ ва 1-26010303-идоракунии молияи давлатӣ
## (Дастури методӣ)







**Душанбе - 2022**

Муаллифон: н.и.и., дотсент Мирзоева Е.Ш., асс. Амиров М.С.

Барномаи гузаронидани таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои 1- 25010410-менеҷменти молиявӣ ва 1-26010303-идоракунии молияи давлатӣ (Дастури методӣ) бо қарори ҷаласаи Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон №7. аз 23.02.2022 ба нашр тавсия дода шудааст.

Муқарризон:
Бегматов А.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, профессор, ДДМИТ
Содиқов Р.Х.– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ДТТ.

Дар дастури методӣ барномаи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ маҷмӯи масъалаҳои фаъолияти таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар шакли назариявию амалӣ баррасӣ карда шудаанд. Дар барнома тарз ва воситаи гузаштани таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ шакл ва намудҳои муосири он дарҷ гардида, тартиби ташкил ва рушди фаъолияти таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ, махсусиятҳои он, хоса барои донишҷӯёни соҳаҳои иқтисодӣ ва идоракунӣ баррасӣ шудаанд.

## МУНДАРИҶА

САРСУХАН........................................................................................4

1. Мақсад ва вазифаҳои гузаронидани таҷрибаомузии пешаздипломӣ............................................................................8
2. Таъминоти таълимӣ, методӣ ва иттилоотии таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ............................................................................10
3. Салоҳиятҳои донишҷӯ дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ ............................................................................12
4. Сохтор ва мазмуни амалияи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ.............16
5. Тартиби таҳияи ҳисобот дар бораи гузаштани таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ дар истеҳсолот..........................................................17
6. Рӯзномаи таҷрибаомӯзии пешаздипломии донишҷӯён.......................19
7. Ҷамъбасти натиҷаҳои амалияи таҷрибаомӯзии пешаздипломии донишҷӯён............................................................................19

ЗАМИМАИ 1........................................................................................21
ЗАМИМАИ 2........................................................................................22
ЗАМИМАИ 3........................................................................................23

## САРСУХАН

Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ донишҷӯёни ихтисосҳои 1-25010410- менеҷменти молиявӣ ва 1-26010303- идоракунии молияи давлатӣ қисмати муҳими тайёркунии мутахассисони баландихтисос мебошад ва дар мақомотҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилоту муассисаҳо гузаронида мешавад.

Таҷрибаи пешаздипломӣ донишҷӯён бо мақсади мукаммалгардонии донишҳои назариявии дар раванди таълим дар донишгоҳ азбарнамудаи донишҷӯён, дар асоси омӯзиши амалияи фаъолияти молиявӣ дар сохторҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ масъулият ва муносибатҳои шахсии таҷрибаомӯзро нисбат ба кор ва касби интихобкардааш мустаҳкам мегардонад.

Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ малакаи касбӣ, маҳорати пешбурдаи мустақилонаи фаъолияти ҷамъиятиву истеҳсолӣ, иҷтимоиву сиёсӣ, илмию озмоишӣ ва техникию технологии донишҷӯро ташаккул медиҳад. Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ ҳавасмандии масъулияти донишҷӯро зиёд намуда, муносибати ӯро нисбат ба касби интихобкардааш қавӣ мегардонад.

Барои таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ донишҷӯ тибқи шартнома ба муассисае фиристода мешавад, ки ба касби интихобкардааш мутобиқат менамояд. Ба таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ донишҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки қисми назариявии нақшаи таълимиро пурра аз худ намудаанд.

Пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ аз кафедра бояд маводҳои зеринро гирад:

а) барномаи таҷрибаомӯзӣ;

б) рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ;

в) роҳхат;

г) супоришҳои фардӣ оид ба таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ.

Барои ба таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ беҳтар омода шудан донишҷӯён бояд бо барнома ва мундариҷаю мазмуни корҳои дарпешистода шинос шуда, адабиёту дастурҳои тавсияшударо дастрас намуда, ба таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ омода гарданд. Аз роҳбари таҷрибаомӯзии кафедраи менеҷменти молиявӣ доир ба муассисаи таҷрибаомӯзӣ маълумотро оид ба усули кор маслиҳат гиранд.

Барномаи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ бо мақомотҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудаанд, ки дар он масъалаҳои зерин инъикос ёфтаанд:

- тавсифи умумии мақомоти молия ва дигар ташкилотҳои он, мақсад ва вазифаҳои онҳо, сохтори идоракунӣ, алоқаи тарафайни сохторҳои молиявӣ;
- ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва қарорҳое, ки фаъолияти сохтори молиявиро ба тартиб медароранд;
- ба ҳайат, таркиб ва функсияҳои раёсати молиявие, ки донишҷӯ дар он ҷо таҷриба меомӯзад;
- ташкили фаъолияти молиявии шӯъбаи дурнамои даромадҳои давлатӣ ва андозҳо;

- банақшагирӣ ва оияндабинии даромадҳои буҷет;
- хусусиятҳои андозбандӣ;
- ташкили фаъолияти шӯъбаи буҷетӣ;
- банақшагирӣ ва оияндабинии хароҷотҳои буҷетӣ;
- ташкили фаъолияти шӯъбаи хазинадорӣ;
- захираҳои баланд бардоштани устувории молиявии сохторҳои молиявӣ.

Роҳбари умумии таҷрибаомӯзии пешаздипломии донишҷӯён аз тарафи мудири таҷрибаомӯзии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Ҷавобгарии ташкилкунӣ ва гузаронидани таҷрибаомузии пешаздипломӣ дар кафедра ба дӯши мудири кафедра, декани факулта ва мудири таҷрибаомӯзии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон вогузор мегардад.

Роҳбарии таълимӣ–методии таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ аз тарафи кафедраи менеҷменти молиявӣ бо роҳи таъйиннамоии роҳбар аз миёни устодони собиқаи бештардоштаи кафедра амалӣ мешавад. Салоҳияти ташкилии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар мақомотҳои молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дӯши роҳбарони онҳо ва шахсони мутасаддӣ вогузор мегардад ва онҳо вазифадоранд:

а) дар рӯзи ҳозир шудани донишҷӯ ба таҷрибаомӯзӣ ба мақомоти молия роҳбарияти он бо интернет ба донишгоҳ “хабарнома” равон кунад;

б) роҳбари мақомоти молия ба донишҷӯи ба таҷрибаомӯзӣ ҳозиршуда аз шӯъбаҳои молия роҳбарони бевосита таъйин намуда, дар асоси нақша-графики таҷрибаомӯзии устодони кафедра таҳиянамуда, гузаронидани таҷрибаомӯзиро назорат менамоянд;

в) донишҷӯёни таҷрибаомӯзро бо роҳбарони бевоситаи таҷрибаомӯзиашон ва шаклҳои фаъолияти амалии дар барнома ва графики таҷрибаомӯзӣ нишондодашуда шинос намуда, баргузории таҷрибаомӯзиро дар шӯъбаҳои молия ва корхонаву ташкилотҳои шаҳр ва ноҳия таъмин намоянд;

г) донишҷӯёнро ба корҳои таҳқиқотӣ ва ҷамъиятии шӯъбаҳои молия, корхонаву ташкилотҳои шаҳру ноҳия нисбат ба банақшагирии хароҷотҳои буҷетӣ, самаранокии онҳо ва сармоягузориҳои он ҷалб намоянд;

д) донишҷӯёни ба таҷрибаомӯзӣ ҳозиршударо ба табели ҳисобгирии дар шӯъбаҳои молия ҷойдошта дохил намудан ва бо ин васила баланд бардоштани масъулияти донишҷӯи таҷрибаомӯз;

е) аз ҷониби роҳбарони шӯъбаҳои молия, ки роҳбарии таҷрибаомӯзӣ ба зиммаи онҳо вогузор гардидааст, сабти ҳаррӯзаи корҳои дар барномаи таҷрибаомӯзӣ нишондодашуда ва вазифаҳои ба донишҷӯён супоридашуда дар мӯҳлат ва рӯзҳои дар тақвими таҷрибаомӯзӣ нишон додашуда;

ж) бурдани назорати риояи тартибу интизоми меҳнат ва низоми кори истеҳсолии донишҷӯёни ба таҷрибаомӯзӣ омада;

з) тафтиши доимии сифати корҳои амалии аз тарафи донишҷӯён анҷомдодашуда ва ҳисоботҳои таҳиянамудаи онҳо дар асоси барномаи таҷрибаомӯзӣ;

и) бо баохиррасии мӯҳлати таҷрибаомӯзӣ, ба ҳисоботи таҷрибаомӯзии донишҷӯён додани тақризи хаттӣ, тавсифнома ҳамчун ба мутахассиси ҷавон ва баҳои мушаххас ба ҳисоботи онҳо омоданамуда.

## 4. СОХТОР ВА МАЗМУНИ АМАЛИЯИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕШАЗДИПЛОМӢ

Миқдори умумии таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ 6 кредит, 36 соат

| № | Қисмҳо (марҳилаи) таҷрибаомӯзи | Намудҳои таҷрибаомӯзии пеш аз дипломӣ | Шаклҳои ҷории назорат |
|---|---|---|---|
| 1 | Тайёрӣ | Шинос шудан бо тақвим накшаи таҷрибаомӯзӣ, супориши инфиродӣ, қоидаҳои дохилии меҳнат | Сабт дар рӯзнома |
| 2 | Истеҳсолот | Иҷрои вазифаҳо, ҷамъоварӣ, коркард ва ба низом даровардан | Сабт дар рӯзнома |
| 3 | Таҳлилӣ | Таҳлили маълумоти гирифташуда, тартиб додани ҳсобот дар бораи таҷрибаомӯзӣ | Сабт дар рӯзнома |
| 4 | Ҳисоботдиҳӣ | Пешниҳоди ҳисобот дар бораи таҷрибаомӯзи, рӯзнома бартараф намудани эродҳои роҳбари таҷрибаомӯзӣ, ҳимояи ҳисобот дар бораи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ | Баҳодиҳӣ |

**ЗАМИМАИ 1**

**Намунаи супориш барои таҷрибаомӯзии пешадипломӣ**

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон**

Факултет _______________________ кафедраи менеҷменти молиявӣ
Самт/ихтисос ____________________________________________
Барномаи таҷрибаомӯзии пешадипломӣ барои самт/ихтисос
____________________________________________________________

Тасдиқ мекунад
Мудири кафедра
(номи пурра.)
«___» _____________20_

**Вазифаҳо**

таҷрибаомӯз _____________________________________________ донишҷӯ
(навъ ва намуди таҷрибаомӯзӣ)
________________________________________________________
(факултет, курс, гурӯҳ)
________________________________________________________
(Номи пурра)

1. Мӯҳлати пешниҳоди ҳисобот _______________________________________

2. Нақшаи тақвимӣ _________________________________________________

| Марҳалаҳои таҷрибаомӯзӣ, мазмуни кори иҷрошуда ва супоришҳо барои барномаи таҷрибаомӯзии пеш аз дипломӣ | Муҳлати иҷро | |
|---|---|---|
| | оғоз | Анҷом |
| 1 | 2 | 3 |
| | | |

3. Ҷои таҷрибаомӯзӣ ______________________________________________
Роҳбар аз кафедраи донишгоҳ ______________________________ (имзо)
Роҳбар аз ташкилот _______________________________________ (имзо)
Супориш барои иҷро ______________________________________ (имзо)

**ЗАМИМАИ 3**

**Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон**

Факултет менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ
Кафедраи менеҷменти молиявӣ

# ҲИСОБОТ

Оиди гузаштани таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ

Донишҷӯи курси __
Ихтисоси _____________ гр ___
__________________________________
(ному насаб)

Ҷои гузаштани таҷрибаомӯзӣ ________________________________________
___________________________________________________________________

Роҳбар аз донишгоҳ _______________________________________________
(ному насаб)
Роҳбар аз ташкилот _______________________________________________
(ному насаб)
Санаи супоридани ҳисобот _________________________

Санаи ҳимояи ҳисобот _________________________
Баҳо ______________________
Душанбе ________